Абдулҳай Қаландар

# РОҲИ ДИЛҲО



Душанбе
«Адиб»
2010

ББК 84 тоҷик 7-5
Қ-83

**Ба ифтихори 20-солагии Истиқлолияти давлатии Тоҷикистони азиз мебахшам.**

Муҳаррир *Сафар Амирхон*

Қ-83 **Абдулҳай Қаландар. Роҳи дилҳо** (маҷмӯаи шеърҳо). – Душанбе: «Адиб», 2010. 160 саҳ.

Абдулҳай Қаландар солҳост, ки дар ҷодаи эҷод қаламфарсоӣ мекунад. Ӯ чун раҳнаварди дунёдида бо кӯлвори ашъори тозаэҷоди хеш азми паймудани роҳи дилҳо дорад ва бовар дорем, ки ба самари ранҷу заҳматҳояш Шумо, хонандаҳои азиз, баҳои муносиб хоҳед дод.

ISBN 978-99947-2-027-9

© Абдулҳай Қаландар, 2010

# ГУЛИ ШЕЪР

## ОГАҲӢ ДОРАМ...

Огаҳӣ дорам зи сирри гунбади бисёрнақш,
Бас дурахше аз ҳавои расму оини ман аст.
Ахтаронаш чун гули армони рангини ман аст,
Моҳтобаш пӯпаки тоқии нақшини ман аст,
Офтобаш –
Тоҷи заррини ман аст!

## ҚУЛЛАҲОИ ШЕЪРИ ТОҶИК

Қуллаҳои шеъри тоҷик,
Ҳамрадифи қуллаҳои кӯҳсоранд.
Ҳамчу кӯҳистони мо, ашъори мо,
Майсаву гулғунчаву сарчашма доранд.
То сари ҳар қуллаи шеъри навин
Роҳу пайроҳест аз рӯи замин.
Қуллаҳои кӯҳро тай кардан осон аст,
Лек раҳ бурдан ба бурҷи шеъри тар
Мушкил аз он аст,
Қуллаҳои шеър болотар зи кайҳон аст.

* * *

Даври ман омад ба даврони Ватан,
Хони ман пайваста бо хони Ватан.

Дар замири дил бикорам дони ҳарф,
Ризқи ман густурда дар хони Ватан.

Дар вуҷудам махзани ганҷи сухан,
Гӯиё чун кӯҳсорони Ватан.

Оламе авҷи садоям бишнавад,
Чун суруди обшорони Ватан.

Гул кунад ҳар субҳ чун садбарги тар
Орзуҳоям зи армони Ватан.

Кистӣ? – пурсад дилогоҳе, бигӯ: –
Ҷоннисори аҳду паймони Ватан.

Эй Қаландар, давлати дил доштӣ,
Гаштаӣ умре ғазалхони Ватан.

Дарди оламро ба ҷон мепарварам,
Шоирам бо лутфу эҳсони Ватан.

## БАХТИ МАН

Баски манам бо ҷону дил
Пайванд бар ҷони Ватан.
Гулҳои армони дилам
Рӯяд зи армони Ватан.

Бо ин вафо бар зиндагӣ
Имрӯз ҳамовоз ман.
Бо ҳар тапиш, бо ҳар нафас
Ҳамроз ман, дамсоз ман.

Қурси таманноҳои дил
Аз қурси маҳ бошад калон.
Бо ҳар ситора дар фалак
Мерахшад он, месӯзад он.

Бар сӯи фардо меравам
Бо орзуи шеъри тар.
Аз бахти ман сар мешавад
Бахти дурахшони башар.

## ЭЙ КӮҲСОРИ ТОҶИКОН

Эй кӯҳсори тоҷикон,
Эй қуллаи Боми Ҷаҳон.
Авҷи баландиҳои ту
Рафтаст то бар осмон.

Аз чашмаҳоят об не,
Ман шири модар хӯрдаам.
Ҳар ҷо, ки раҳпаймо шудам,
Раҳтӯша меҳрат бурдаам.

Дар роҳи фатҳи қуллаҳо
Умри ҷавон афсурдаам.
Андар набарди зиндагӣ
Гаҳ бохта, гаҳ бурдаам.

Хоҳам зи меҳри поки ту
Ганҷи дилам пайдо кунам.
Чун авҷи парвози баланд
Шеъри баланд иншо кунам.

* * *

Қалам дар базми маънӣ ҳар замон ҳушёр мегардад,
Шавад масти сухан, мушкилкушои кор мегардад.

Расам то даргаҳи ту, беқарору гирдгардонам,
Дили дардошно монандаи паргор мегардад.

Бувад ҳар он чи садди роҳи васлат, он ба ҷон гирам,
Нигар аз мӯр то моҳӣ, ки беозор мегардад.

Каманди мӯи атрогини ту бар ман камарбанд аст,
Агар паймоншикан бошем, банди дор мегардад.

Бидида бахти пирӯзам чу дар оинаи чашмат,
Кунам шукрона ҳар дам, давлатам бисёр мегардад.

Хушам аз росткориҳо, ки андар панҷаи пирӣ
Алифи қоматам ҳамчун асои ёр мегардад.

Ба мулки ошноиҳо, ки худ дилдодаи ишқ аст,
Қаландар дар вафодорӣ қаландарвор мегардад.

## КОҒАЗ ВА ШОИР

Гуфт коғаз: – Шоиро, ту бевафоӣ, бевафо,
Варна рӯзу шаб чаро бар рӯи ман хат мекашӣ?
Дӯст мегуфтӣ марову дӯстат медоштам,
Ин замон душман маро ту бар мисоли оташӣ?
Дар ҷавобаш гуфт шоир: –
Нусхаи умри манӣ,
Дар ту бо умед бинвисам зи ишқи дӯстӣ.
Аз ту хоҳам баҳравар гарданд сад насли дигар,
Чун китобе,
Ё Алифбое шавӣ дар зиндагӣ,
То абад мони ба дунё,
Варна ҳоло чистӣ?!

* * *

Паҳнои кӯҳистони ман ин Тоҷикистони ман аст,
Ҳар зарраи хоки Ватан дорую дармони ман аст.

Ман дар канори гарми ӯ бо ноз гардидам калон,
Чун модари ғамхори ман бахшандаи ҷони ман аст.

Деҳқони заркораш бувад саркори мумтози замон,
Майдони гандумзори он хони пурэҳсони ман аст.

Худ хоксору сарбаланд бар пиру барно дилписанд,
Кӯҳи баланди пахтааш авҷи Бадахшони ман аст.

Соле, ки деҳқонӣ шавад, дунё фаровонӣ шавад,
Ширинтар аз қанду асал ҳар пораи нони ман аст.

## ЗИНДА БОДО...

Зинда бодо номи Инсон, зинда бод,
Маснади боло зи кайвон зинда бод.

Бар дифои мулку меҳанпарварӣ
Рустаму даврони Сосон зинда бод.

То дурахшад Тоҷи тоҷик аз дигар,
Тоҷу тахти Оли Сомон зинда бод.

То ба чашми дил ҷаҳонро бингарем,
Ҳар ки гардад Рӯдакихон, зинда бод.

Умри Саъдӣ то насиби мо шавад,
Пандҷӯёни «Гулистон» зинда бод.

То ки худ рӯзе табиби худ шавем,
Илми Синою Ҳакимон зинда бод.

Аз ҷудоиҳо дигар ҳарфе магӯ,
Рашту Хатлону Бадахшон зинда бод.

Мову ту ҳамхуну ҳамдил аз азал,
Ҳам Ҳисору ҳам Зарафшон зинда бод.

Ваҳдати халқи азизи кишварам
Бар алайҳи куфри шайтон зинда бод.

Тоҷик аз нав Тоҷро бар сар ниҳод,
Тоҷбахши халқу даврон зинда бод.

Масти мастам ин замон дар роҳи ишқ,
Соғари лабрези мастон зинда бод.

Бар қаландарпешаи мулки сухан
Ҳиммати ёрони раҳдон зинда бод.

Бо забони модариаш ҷавидон
Тоҷики ман, Тоҷикистон зинда бод!

## ҶОНУ ДИЛИ МАН БОШАД
(*суруд*)

Боде, ки зи афсунаш себарга ба рақс ояд,
Дарё тани соҳилро бо ҷӯши дигар сояд,
Ҳусни чаманистонро бо панҷааш орояд,
Ҷону дили ман бошад.

Дасте, ки зи эъҷозаш сад гуна ҳунар резад,
Лафзе, ки ба такрораш аз лаб чу гуҳар резад,
Чашме, ки ба дилдоре шӯри дигар ангезад,
Ҷону дили ман бошад.

Он қатра, ки дар барги гулҳои чаман бинӣ,
Абре, ки гуҳарафшон дар дашту даман бинӣ,
Он дил, ки ту саршораш аз ишқи Ватан бинӣ,
Ҷону дили ман бошад.
Ҷону дили ман бошад!

## АЁ ХУРШЕД

Чу як лабташнаи дунёи рангинат,
Туро, эй Офтоби оламоро, дӯст медорам.
Ба ҳукми ғунчаи наврустаам дар бӯстони умр
Биёву дар паноҳи худ нигаҳ дорам!

Зи ту чун мекунам эҳсос ҳусни зиндагониро,
Туӣ, ки боз такрор аст вақти ҷовидониро.
Ту рамзи меҳри дилҳоӣ, ту рамзи ҳастии моӣ,
Зи ту дунё шавад пиру зи ту ёбад ҷавониро.

Назар бар обшорони мусаффои ту дорам ман,
Ба зери обшорат обрӯ дидан маро уммед.
Қаландар, ман зи дунё нурҷӯям баҳри ин дунё,
Ба уммеде ба рӯят чашм медӯзам, аё Хуршед,
ай Хуршед!

* * *

Чашм во кардам ба дунё, хешро бишнохтам,
Худ зи худ гардида эҳё, хешро бишнохтам.

Он қадар шебу фарозе тай бишуд, то оқибат
Роҳи ман шуд роҳи дилҳо, хешро бишнохтам.

Гаҳ шино кардам ба дарё, гоҳ будам дар само,
Муттако кардам заминро, хешро бишнохтам.

Рӯ ба нури ахтари толеи бахти тоҷикон
Бо ду чашми нурполо, хешро бишнохтам.

Қиссаи ишқат ба дил он сон, ки дар авроқи Занд,
Сабт шуд бо хатти хоно, хешро бишнохтам.

Дар китоби худшиносиҳо бихондам мисрае,
Меҳан аз ҷон бошад авло, хешро бишнохтам.

Сулҳу ваҳдатро сипар кард ин замон халқи азиз,
Нотавон гардид аъдо, хешро бишнохтам.

## ПИРИ ТОҶИК

Қуллаҳо – пирони баста саллаи сӯфе ба сар,
Шохаҳо – пешонаю тобад чу абрӯ дар назар.
Риши бобоист – ҷангалзору дар пеши бараш,
Доимо аз синаи он чашмаи эҳсон бадар.
Пуштаҳои ғаллазоронаш бувад пурфайз хон,
Пири тоҷик аст ин ё кӯҳсори тоҷикон?!

## РОҲҲО

Роҳҳою роҳҳо,
Роҳҳои бешумор!..
Шоҳиди шебу фарози рӯзгор.
Ҳамчунон набзи Замин
Дар тапиш, дар ҷӯшу сози рӯзгор,
Роҳҳо, эй роҳҳои орзую ормон!
Дар хаёлам мавҷи одам дар шумо
Дам ба дам ҷорист чун рӯди равон,
Рӯ ба сӯи вусъати баҳри дамон.
Изн фармоед, ҳамчун мавҷ аз мавҷи шумо
Нақш бигзорам ба рӯи сафҳаи амвоҷатон,
Гар маро обе барад,
Мон, барад оби калон.

## МӮҲТАВОИ ШЕЪРИ МАН

Оядам ҳар лаҳзае хуммори дидори падар,
Ёд орам ҳиммату эҳсони бисёри падар.

Камгапу бисёрдон, дурри маъонӣ дар забон,
Чашму дил бикшода шуд аз панду гуфтори падар.

Бо чапар мегашт гирдогирди хирман то саҳар,
Донаи уммед меафзуд аз ин кори падар.

Хушксолӣ тӯъмаи худ карда гаҳ коридааш,
Ҳикмате бардошта з-иқболу идбори падар.

Шуд савори бодпо аспи аҷал дар нимароҳ,
Дӯши худ бигзоштам имрӯз сарбори падар.

Аз ҷавониҳо қалам ҷои асо бигрифтаам,
Роҳрафтанҳо биомӯзам зи рафтори падар.

Бо суруди «Майдаё», «Ман доғ»... деҳқонӣ бикард,
Мӯҳтавои шеъри ман шуд досу испори падар.

## ШУКРОНАИ ҲАМСОЯҲО

Мекунам шукронаи хурду калон ҳамсояҳо,
Қуввати дил, ҳамдаму дармони ҷон ҳамсояҳо.

Аз шумо омӯхтам расму раҳи одамгарӣ,
Ҷони ман бодо фидои ҷонатон, ҳамсояҳо.

Кистӣ шоир?
Бипурсад гар дилогоҳе, бигӯ:
Хоки пои дӯстони қадрдон – ҳамсояҳо!

Эй писар, то эътиборат боз афзунтар шавад,
Бош андар хизмати пиру ҷавон ҳамсояҳо.

Гоҳи танҳоиву ноқомӣ наям афтодарӯҳ,
Мекунам эҳсос чун рӯҳи равон ҳамсояҳо.

Хӯрдаам нону намак аз хони пурэҳсонашон,
Гар набахшандам натонам дод ҷон, ҳамсояҳо.

Зебу зиннат бошадо, сад шукри хешу ақрабо,
Ҷамъу гирам мекунад дар як замон ҳамсояҳо.

## МАН НУРХОҲАМ

Н-ояд писандам фарди такаббур,
Аз худ ҷудою аз одамон дур.
Дар субҳгоҳи хуршеди айём,
Ҳамчун чароғи камсӯзу бенур.

Ман нурхоҳам, қандил парастам,
Ман нури дилро дар дил парастам.

Моҳи манию хуршед ҳастам,
Бо панҷаҳои тиллои дастам.
Гулҳои ишқу армони худро
Дар кокулонат чун лола бастам!

Ман нурхоҳам, қандил парастам,
Ман нури дилро дар дил парастам.

Ман меписандам дарёдилиро,
Домони файзи ин дашту саҳро.
Сад бор мирам дар хеш, аммо
Сад бор аз нав мегардам эҳё!

Ман нурхоҳам, қандил парастам,
Ман нури дилро дар дил парастам.

Сарбози ишқу роҳи вафоям,
Саршори меҳру нуру зиёям.
Зебопарастам, зебонигоҳам,
Даргоҳи ишқат бо сар биоям.

Ман нурхоҳам, қандил парастам,
Ман нури дилро дар дил парастам.

## ЧАШМА

Аз синаи кӯҳи деҳаи мо
Як чашмаи соф мезанад ҷӯш.
Аз файзу сафои оби покаш
Гардида тамоми деҳа гулпӯш.

Аз синаи санг ҳамчунон шир
Берун шуда чашмаи мусаффо.
Хонад ба мисоли духтари ишқ
Афсонаи ошиқии Лайло.

Гуфтам ки: – Ба ҳарфи ман бидеҳ гӯш,
Аз баҳри чӣ печутоб дорӣ?
Дил додаӣ ту магар ба ёре,
То хонаи ӯ шитоб дорӣ?

Гуфто ки: – Ба даштҳои беоб
Чун пайки баҳор раҳсипорам.
Ҳусн асту гул аст ҳамраҳи ман,
Ман аз пайи ҳусни рӯзгорам...

## ОТАШИ ҶОВИД

Оташи ҷовид, –
Гимни ҷовиди қурбониён,
Лаънату нафрин ба ҷангу ҷангҷӯёни ҷаҳон.
Сӯзиши қалби пур аз дарду умеди ошиқон,
Як забона аз забони оташини шоирон!
Оташи ҷовид рамзи сӯхторе нест, нест!
Оташе бошад, ки сӯзад хонумони душманон.
Оташи ҷовид – рамзи гулхане дар бешазор,
Гулхане, ки буд ҷонбахшои ҷисми аскарон.
Оташи ҷовид – нури чашми сарбозони бахт,
Машъали дилҳои фарзандони бебоки Ватан.
Оташи ҷовид ҳамчун навниҳоли оташ аст,
Саркашон бо орзую ишқ аз хоки Ватан.
Сабз месӯзад миёни арчаҳои сабзпӯш,
Аз сари сабзу дили пурмеҳри аскарҳои мо.
Ҳайкале аз оташ аст он рӯи дасти зиндагӣ,
То ки равшантар намояд олами фардои мо.
Оташи ҷовид дар рӯи мазори аскарон, –
Гӯиё як даста гул аз навбаҳори лолаҳост.
Оташи ҷовид – гармии дили бигзаштагон,
Офтоби нурафкан дар раҳи фардои мост.
Оташи ҷовид фарёди дами хомӯшӣ аст,
Менамояд мисли оташбарги сурхи ҷовидон.
То замин ҳасту ҳақиқат ҳаст дар рӯи ҷаҳон,
Шӯъла мехезад зи хоки пуршарори рафтагон.
Оташи ҷовид умре бо забони оташин
Мезанад ханҷар ба ҷисми ҷангҷӯёни лаин.
Бас фағона мезанад з-он ношикаста ормон
Бо хурӯши оташине аз сиришти модарон...
Оташи ҷовидро бар ёд оред, Одамон,
Ҳаст рамзи ҷонфидоиҳои Халқи Қаҳрамон.

## МЕРОС

Ҳастии мо, мисли ҷон бошад забон,
Худ чу як рӯҳи равон бошад забон.

Аз ниҳоду аз нигоҳи одамон
Розгӯю роздон бошад забон.

Дил гувоҳи ҳақ диҳад ҳар лаҳзае,
Ҳолдони ошиқон бошад забон.

Баски мероси азизи модар аст,
Ҳамчу модар ҷовидон бошад забон.

Чун ваҳӣ шуд мушкилосонкун ба мо,
Муждае аз осмон бошад забон.

Бар набарди зиндагониҳо нигар:
Гаҳ қалам, гоҳе камон бошад забон.

Гарчи вазнин аст гӯши ин фалак,
Бо ҳама ёбӣ забон, бошад забон.

## ДУОИ ПАДАР

*Ба писарам Илҳомҷон*

Қуввати дил, нур дар чашмони ман,
Файзи умру файзи дастархони ман.
Ҷону дил, балки ту ҷони ҷони ман,
Шукр гӯям, аз Худо инъоми ман,
Номбардори падар – Илҳоми ман.

Раҳ гирифтам ман зи дунёи ҳунар
Бо дуои рӯҳи волои падар.
Бар ҷаҳон чун орифе кардам назар,
Шукр гӯям аз Худо инъоми ман,
Номбардори падар – Илҳоми ман.

Зиндагӣ омӯз аз пири куҳан,
Аз ҷавониҳои гулҳои чаман.
Аз суруди обшорони Ватан,
Шукр гӯям аз Худо инъоми ман,
Номбардори падар – Илҳоми ман.

Ранҷдида ганҷ мебинад асар,
Ҳарчи ҷӯяд, ёбад андар баҳру бар.
Лек ноёб аст фарзанди падар!
Шукр гӯям аз Худо инъоми ман,
Номбардори падар – Илҳоми ман.

Нахли уммедат ба шоху бар шавад,
Гӯшаи сарсабзи ин кишвар шавад,
Хокро бар каф бигирӣ, зар шавад.
Шукр гӯям аз Худо инъоми ман,
Номбардори падар – Илҳоми ман.

Гӯш бар ҳарфам бикун, ҷону ҷигар:
Давлатам фарзандҳо бошад агар,
Давлати ту – панду андарзи падар.
Шукр гӯям аз Худо инъоми ман,
Номбардори падар – Илҳоми ман.

Модаратро тоҷи зар кун бар сарат,
Меваи умрат – писарҳо, духтарат,
Бахти тиллоӣ бубин бо ҳамсарат.
Шукр гӯям аз Худо инъоми ман,
Номбардори падар – Илҳоми ман.

## МОДАРИ МАРҶОНАЮ ИЛҲОМИ МАН

Ишқи аввал – аз Худо инъоми ман,
Пухта шуд аз сӯзу созат хоми ман.
Офтоби рӯз, моҳи шоми ман,
Модари Марҷонаю Илҳоми ман.

Аз ту ширин аст умре коми ман,
Хонаи бахт аст рӯҳу ҷони ман.
Гуларӯси ишқи олишони ман,
Модари Марҷонаю Илҳоми ман.

Дар тани ман қуввату дармон шудӣ,
Ҳамчу хуни гарм дар шарён шудӣ.
Ҷону дил, балки ту ҷони ҷон шудӣ,
Модари Марҷонаю Илҳоми ман.

Чун ситора дар самои бахти ман,
Бо ту осон гашта рӯзи сахти ман.
Эй туӣ иқболу тоҷу тахти ман,
Модари Марҷонаю Илҳоми ман.

Давлатам – фарзандҳо – аз давлатат,
Сарватам – фарзандҳо – аз сарватат.
Такягоҳи ман – асои қоматат,
Модари Марҷонаю Илҳоми ман.

Розгӯю роздонам гаштаӣ,
Ёри ҳамдил – ҳамзабонам гаштаӣ.
Ҷои ҷони хеш ҷонам гаштаӣ,
Модари Марҷонаю Илҳоми ман.

Субҳгоҳи ишқ хандон аз ту шуд,
Ғунчаи бахтам шукуфон аз ту шуд.
Булбули табъам ғазалхон аз ту шуд,
Модари Марҷонаю Илҳоми ман.

## ШУКРОНА

*Ба модари фарзандонам Бибинисо*

Чун кабӯтар ба боми якдигар
Карда парвозу ишқ варзида,
Хонае карда соз аз паймон
Аз нахи ҷону нури ду дида.

Меваи боғи зиндагии мо
Гоҳ талху гаҳи дигар ширин,
Бо саду як дурахши армонбахш
Чамани рӯзгори мо рангин.

Шукри Парвардигор мегӯем,
Ин замон модару падар ҳастем.
Дидаем орзуи фарзандон,
Ба тану ҷонашон бипайвастем.

Шукр гӯем мо ҳазорон бор,
Гашт армонҳои дил ҳосил.
Дар хамупечи ҷодаи қисмат
Лаҳзае кай будем мо ғофил!

Андар ин рӯзгори дурӯза,
Каму беш он чи буд, мо дидем.
Дар замине, ки кишт кардемаш,
Хӯшаҳои умед барчидем.

Шукри фарзандҳои солеҳмон,
Ки ҳама хушдиланду хушомӯз.
Ҳар яке чун давою дармон аст
Бар тани дардманди мо имрӯз.

Байни пайвандҳо ҳаметобӣ
Дар нигоҳам базеб чун лола.
Балки дар байни ахтаристонӣ
Ҳамчу Маҳ дар миёнаи ҳола.

Хуш буду боз хуш аз он бошад,
Иззати якдигар ба ҷо орем.
Бар сари хеш тоҷи кайвонӣ,
Тоҷи заррини ишқ бигзорем.

Гарчи дар тӯли умри худ бо ҳам
Бовафоему якдилу ҷонем,
Лаҳзае боядо ба ёд орем:
Хонадору валек меҳмонем.

## КӮЛОБИ ГУЛАНДОМАМ

(*суруд*)

Шукронаи ту дорам,
Кӯлоби гуландомам.
Шукронаи иқболат,
Бахту насабу номам.

Дар оинаи обат
Дунёи сафо бинам.
Мардони баоратро
Бо аҳду вафо бинам.

Бикшода бари меҳмон
Ҳар хонаю хони ту.
Як пораи дил бошад
Ҳар пораи нони ту.

Меҳри ту агар монад
Дар шеър наварзида.
Дунё ба назар тобад
Чун майсаи хушкида.

Шукронаи ту дорам,
Кӯлоби гуландомам.
Шукронаи иқболат,
Бахту насабу номам.

## АЗ ГУЛ БИПУРС

Аз гул бипурс, аз гул бипурс,
Аз лолаю сумбул бипурс.
Аз хандаи садбарги тар,
Аз нағмаи булбул бипурс,
Аз ҳарчи мепурсӣ, бипурс.

Дар сояи тути калон,
Дар соҳили рӯди равон.
Дар майсазори каб-кабуд
Биншаста ҳарду шодмон,
Арзи муҳаббат доштем.

Ду дил буду ду соҳиле,
Ду соҳиле буду диле.
Дарё равону ҳар ду дил
Буданд бо ҳам моиле,
Пур аз сафо, пур аз вафо.

Аммо чаро имрӯз мо
Гардидаем аз ҳам ҷудо?
Он гавҳаре, к-аз ишқ буд,
Бо ҳазл додиаш ҳаво,
Гавҳар даруни об рафт.

Ман лек ҳар шаб з-оби ҷӯ
Гавҳар намоям ҷустуҷӯ.
Аз вай нашӯям даст ҳеҷ,
Нақши ҷавонӣ дошт ӯ,
Ҳарчи ки мегӯӣ, бигӯ...

Аз гул бипурс, аз гул бипурс,
Аз лолаю сумбул бипурс.
Аз хандаи садбарги тар,
Аз нолаи булбул бипурс,
Аз ҳар чӣ мепурсӣ, бипурс,
Аз ҳар кӣ мепурсӣ, бипурс!

## ҚАТРА

Қатраам ман,
Қатрае дар барги гул,
Акс хоҳад кард хуршеди ҷаҳон.
Тӯҳфаи абрам ба вақти навбаҳор,
Бар замин оям зи авҷи осмон,
Балки ҳастам ашки пурсӯзи фироқ,
Аз ду чашми модарони интизор,
Ман ҳамонам, ки ба худ ҷо додаам
Дарду ғам, бешу камии рӯзгор.
Қатраам ман дар сари миҷгони тар,
Мефитам имрӯз ё фардо чӣ ғам?
Шукри он дорам, ба дарёи Ватан
Қатра ҳам бошам агар, кам нестам!

## БАҲР

Баҳр лабрез аст,
Баҳр дар ҷӯш аст...
Мавҷи шӯрангези бебок
Сар занад бар сахраи соҳил ба шаст.
Бар ҳаво хезад ҳазорон
Мавҷ андар пушти мавҷ.
Баҳр лабрез аст, лабрези ғазаб...
Шояд ӯ маҷрои навро ҳаст ҷӯё,
Баҳр ҳам чун зиндагонӣ
Рӯ ба сӯи авҷ дорад рӯҳи исёнӣ.

## ПАЙМОНИ МАН

Бишкуфад ҳар субҳгоҳон ғунчаи армони ман,
Месарояд нағмаи нав мурғи хушилҳони ман.

Сарбаландиҳои ман аз худписандӣ нест, нест,
Кӯҳсори Тоҷикистон аст шаъну шони ман.

Чархи каҷрафтор огаҳ аз раҳу рафтори ман,
Росткориҳо бувад сарманшаи имони ман.

Чун қаноатпеша дорам шукри ин давру замон,
Нӯши ҷонам – косаи обу лаби як нони ман.

Ранҷи бисёре кашидам дар раҳи ганҷи сухан,
Тирамоҳо, нек бингар ҳиммату эҳсони ман.

Қадри шеъру шоирашро халқ медонад ба ҷон,
Халқи бофарҳанги ман, ҷону дилу ҷонони ман.

Гар набитвонам накӯӣ, аз бадӣ дурам, хушо,
Аз вафодорӣ бувад мӯи ба мӯ паймони ман.

Ину он ҷӯяд панаҳ дар сояи пушти касе,
Додгоҳу додхоҳи ман бувад виҷдони ман.

* * *

Яке шукуфаи сабзе зи меҳри ёронам,
Зи ишқу аҳду вафо ҳар куҷо ғазалхонам.

Хабар зи рӯзи баде сӯи мо маёр, охир,
Ки ман паёми раҳи субҳи навбаҳоронам.

Ҷуз айби хеш мапурс айби дигарон аз ман,
Ки ман сафои дили оби кӯҳсоронам.

Сукути меҳр биомӯхт ҷони хастаи ман,
Даме ки об занад дидаҳои хандонам.

Навис номаи меҳру вафои хеш кунун,
Ки аз вафои азизон сиришта шуд ҷонам.

## ҲАМЧУ ФАРЗАНДОНИ ҶОН БОШӢ АЗИЗ

Ҳамчу фарзандони ҷон бошӣ азиз,
Такягоҳи ман ба дунё, додарам.

Обдор ин шеъри аз ҷон гуфтаат,
Ошиқиро карда эҳё, додарам.

Ҳақтаъоллаҳ додаат ақли расо,
Қавми моро ҳамчу эҳдо, додарам.

Баҳри васфи кишвари озодамон,
Хомаат гардида гӯё, додарам.

Кӯрдил – худ нотавонбиневу паст,
Чашму дил равшанзамиро, додарам.

Чун падар фарзанди қобил хонамат,
Гаштаӣ ту дастболо, додарам.

Мисли авлодону пайвандони мо
Дурри маъниро чӣ ҷӯё, додарам.

Номдору боҳунар гардидаӣ
Бо дуои қиблагоҳо, додарам.

Аз бари рӯи ту дида фоли нек
Бо ду чашми нурполо, додарам.

Ҳурматамро, ки ба ҷо овардаӣ,
Дар дилу дар дидаҳо ҷо, додарам.

Шеъри ман чун шеъри ту дар зиндагӣ
Кош гардад шамъи дилҳо, додарам.

## ШУКРОНАИ ИШҚИ ТУ
(*суруд*)

Аз ишқи ту мебинам
Дарду алами худро.
Дарёфтаам аз он
Ҳар бешу ками худро.

Аз ишқи ту мебинам
Дилро, ки сафо дорад.
Дар маҳфили ошиқҳо
Тахте зи вафо дорад.

Дар ишқи ту чун Меҳан
Дидам ҳарами дилро.
Бар Меҳану ту танҳо
Бахшам карами дилро.

Бин синаи ман акнун
Гулбоғи шукуфон шуд.
Дар шохаи ҳар як гул
Мурғони ғазалхон аст!

Бар дӯш бибардорам
Бори қаламе имрӯз.
Афрохтаам онро
Ҳамчун аламе имрӯз.

Шукронаи ишқи ту,
Гармии ҳаётам шуд.
Анҷоми ғаму дардат
Оғози нишотам шуд.

## ДИЛАМ ДИД

Шаби ороми хоболуд,
Шаби аз ахтарон гулзор.
Мунаввар моҳи զарринбол
Чу чашми интизори ёр.

Самои нилии равшан
Ба баҳри бекарон монанд.
Ситора ҳамчу чашми чарх,
Ба чашми дилбарон монанд.

Насими нарми атрафшон
Ба боғам гӯй меҳмон буд.
Аз ӯ гӯӣ ба чашми дил
Ҷаҳон оҳиста рақсон буд.

Замин андар сукути хеш
Хамӯшу гирдгардон буд.
Ту пиндорӣ, сукути он
Сукути роздорон буд.

Даме шабзиндадор ин дам
Шудам моти ҷаҳони шаб...
Чунин будаст, к-он зояд
Сабоҳеро ба ҳукми Раб.

## МЕДОНАД

Созу оҳанги дилам чангу наво медонад,
Росткории варо сарви расо медонад.

Чашми ман бар нигаҳат – об чу барфоб шудӣ,
Меҳрангезии дил нуру зиё медонад.

Буд ҳар он чи ба дил, арзи қалам бинмудам,
Рози ногуфтаи ман боди сабо медонад.

Қадри худ ёфтаам, қадри туро диниста,
Дил ҷудо бошад агар, бори Худо медонад.

Ҷумлаи неку бадам додаи қисмат бошад,
Боли парвози маро авҷи само медонад.

Осмон донад агар қубҳу қусури маҳро,
Он чи мoрост ба сар, дӯсти мо медонад.

## БАЙТИ ЗУЛФАЙНИ ТУ КУНАМ ЭҶОД

Ҳон, алифи қадат асое ҳаст
Такягоҳе ба мӯсафеди ҳаёт.
Вараҳи рӯи ту ба назди ман,
Байти зулфайни ту кунам эҷод.

Чашми бодомиат навидам дод
Аз баҳорони умр чун бодом.
Моилам ман ба доми ишқи ту,
Кош афтам ба ногаҳе дар дом.

Моҳи нав-абрувони ту дида,
Бо ду дасти адаб дуо гӯям.
Нияти орзуи нав хоҳон,
Рӯ ба оянда роҳ мепӯям.

Дар шаби қадр ҳам қалам гирам,
Дафтаре аз умеду армонҳо.
То ки бунёди шеъри ман гардад
Мисли ту ҷобаҷо пур аз тилло!

## БО ЧОДАРИ НАВРӮЗӢ
(*суруд*)

Бо чодари наврӯзӣ
Кӯлоб гулафшон шуд.
Дар кӯчаву гулгашташ
Гулғунча шукуфон шуд!

Бо чодари наврӯзӣ
Кӯлоб гулафшон шуд.
Ҳар кӯчаю боғи он
Рашки чаманистон шуд.

Бо чодари наврӯзӣ
Кӯлоб гулафшон шуд.
Сад гӯшаи ободе
Бар дида намоён шуд.

Бо чодари наврӯзӣ
Кӯлоб гулафшон шуд.
Дар давраи Истиқлол
Як машъали тобон шуд.

Бо чодари наврӯзӣ
Кӯлоб гулафшон шуд.
Дар субҳи умеди он
Хуршед чӣ хандон шуд!

Бо чодари наврӯзӣ
Кӯлоб гулафшон шуд.
Чун куртачакан духтар
Зебандаи даврон шуд.

Бо чодари наврӯзӣ
Кӯлоб гулафшон шуд.
Донӣ, ки чунин зебо
Аз ҳиммати Раҳмон шуд.

## ОДАМӢ ДАРЁСТ

Одамӣ дарёст, – мегӯям ба ту, –
Ҳар замон дар хеш тӯфон мекунад.
Мерасад гоҳе сари мавҷаш ба арш,
Гоҳ оромона исён мекунад.

Одамӣ дарёст, – мегӯям ба ту, –
Мадду ҷазре дорад он бе иштибоҳ.
Нокасе гарчи биолояд варо,
Боз худро пок месозад ба роҳ.

## БАҲОРИ ДИЛҶӮ

Дар олами орзу бигаштам
То рӯз ба гирди худ чу паргор.
Бошад ба хуҷастагӣ биёбам
Ҳарфу сухане ба хотири ёр.

Шеъре бинавиштаму валекин
Як чиз намерасид дар он.
То ки ба радифи ёр ояд
Дилҷӯву базеб мисли ҷонон.

Чун субҳ кушод дида, афсӯс,
Мақсуди дилам нашуд ҳувайдо.
Ин лаҳза садои булбул омад
Аз шохи ниҳоли ҳавлии мо.

Бо дидани ӯ ба ёдам омад,
Сар кард даме, ки хонишаш ӯ.
Дарёфтаам! Баҳор будаст,
Ваҳ-ваҳ, чӣ аҷаб Баҳори дилҷӯ!

## АГАРЧИ ТИРАМОҲ АСТ...

Агарчанде ки фасли тирамоҳон аст,
Даруни синаам дорам баҳорон.
Даруни сина дорам обшорон,
Нафасҳои баҳорам атри гул дорад.
Садои қалби ман сози дуҳул дорад,
Ба фардоям даме ки дида медӯзам.
Замини синаам пур мешавад аз майсаи уммед,
Дилам дар ҷӯш меояд мисоли чашмаи хуршед.
Ба чашмам медурахшад субҳи тиллоӣ,
Намегӯям, ки камтар шуд хурӯши
рӯди кӯҳистон.
Ки аз набзам хурӯши рӯд меояд,
Даруни синаам гул мекунад фасли зимистон.
Зи уммеду зи армон,
Ки ман дорам баҳори ҷовидон.
Ба рӯи дафтари ашъори ман
Дар чор фасли зиндагонӣ
Дарахтони уммеду орзуям ғурра мебанданд.
Мурғон нағма мехонанд,
Ва гулҳои баҳорӣ чун лаби дилдор механданд!..

## ХОКИ ВАТАН

Аз ҳиммати соҳибдилон
Ობод шуд Хатлонзамин.
Зар мешавад хоки Ватан
Дар дасти меҳнатофарин.

Аз ҳиммати соҳибдилон
Бунёд шуд тахти барин.
Оянда ширинтар шавад
Бо орзуи шаккарин.

Аз ҳиммати соҳибдилон
Мо соҳиби дил гаштаем.
То дидаем одамгарӣ,
Мо шахси комил гаштаем.

Чун дон ба уммеди баҳор
Мо хоксорӣ кардаем.
Чун рӯд сӯи боғу роғ
Мо беқарорӣ кардаем.

То дил ба даст овардаем,
Мо дил ба ёрон додаем.
Сад бор баҳри дӯстон
Сар додаву ҷон додаем.

Чун ҳиммати соҳибдилон
Ҳиммат бихоҳам аз Ватан.
То шеъри ман пургул шавад
Дар хоки он ҳамчун чаман.

## КӮҲИ ВАЛВАЛАК

Ҳар саҳар бар шеди олам,
Медиҳад аввал саломе.
Лаҳзаи дидор бо ҳам
Ҳамчу сарбозе низомӣ.

Ғурриши раъдаш бимонад
Наъраҳои шери Ҳайдар.
Барқ гаҳ аз қуллаи он
Менамояд ҳамчу ханҷар.

Тоқии пурнақш бар сар,
Ҷомаи симина дар бар.
Локиаш нақшину аҳмар,
Моҳи гардун – тоҷ бар сар!

Сарҳади тоҷикро бин,
Ҳифз дорад ҷовидона
Гӯӣ аз бадхоҳи олам
Мисли фарзанди замона.

## ШУКРОНА

Ба номи ин Замин – Модар
Кунам сад бор шукрона.
Ба хуршеду маҳи ховар
Кунам сад бор шукрона.

Даме, ки донаи гандум
Бубандад хӯша дар саҳро
Ба ризқи рӯзии мардум
Кунам сад бор шукрона.

Сурудам – тухми армонам,
Агар чун ишқ сарсабз аст.
Ба хоки Тоҷикистонам
Кунам сад бор шукрона,
Ҳазорон бор шукрона!

## ДАР ҶУСТУҶӮ

Шаби зебои айёми баҳорон,
Насим аз бӯи гулҳо анбарин аст.
Маҳи нав дар фарози кӯҳсорон,
Садаф андар гиребони Замин аст.

Хаёлан гӯиё парвоз дорам,
Фалакро гашта ҳамрозу ҳамовоз.
Даруни синаам дил мезанад, дил,
Зи дарду ёди ишқи рафтаам боз.

Хаёлам мебарад чун мавҷи дарё
Маро гоҳе ба баҳри пурталотум.
Гаҳе чун қатрае дар мавҷи гирдоб
Худамро мекунам дар хештан гум.

Миёни гирудори зиндагонӣ
Ҷавонӣ чун қатори турна бигзашт.
Ба ҷустан кас намеёбад дубора
Баҳори рафтаро аз ёлаву дашт...

Вале пар мезанад дар авҷи қулла
Кабӯтарҳои ишқу орзуям...
Ба боло бингарад аз пояи кӯҳ
Нигоҳи ташнаи дар ҷустуҷӯям!

## ТАМАННО

Хоҳамат ҳамсафари умратро
Ба муроди дили худ дарёбӣ.
Он чи аз умр талабгор шавӣ,
Дар раҳи зиндагӣ онро ёбӣ.

Хоҳамат дасти пуру хони бафайз,
Хотири ҷамъу дилу дасти кушод.
Давлат аз меҳру сахо, номи накӯ,
Хонае, ки бувад аз дил ободд.

Хоҳамат марди баиззат бошӣ,
Чун ҷавонмард баҳиммат бошӣ.
Сар ниҳӣ дар бағали осоиш,
Даст бар дасти саодат бошӣ.

Хоҳамат саҳнаи сарафрозӣ,
Домани сабр ба мисли кӯҳҳо.
Бурдбории ту то дур кунад
Ғами дилҳою ғами дунёро!

## ХАТЛОН

Эй кишвари сабздоманам – Хатлон,
Эй меҳри туам ба зиндагӣ парчам.
Бишнохтаам ман аз вафои ту
Зебоии чарху одаму олам.

Бо рӯҳи баланди қулласони хеш
Рӯ бар дари асрҳо ту овардӣ.
Чил духтари хешро чу рамзи нанг
Аз синаи меҳр ҳайкалат кардӣ.

Бо мардуми нексиратат умре
Восеи ту сарбаландӣ омӯзад.
Дар синаи халқ оташи меҳрат
Чун машъалаи адолат афрӯзад.

Монанди Сафар диловарони ту
Дар ҳифзи Ватан намуда ҷонбозӣ.
Бори дигаре намудаанд исбот
Расму раҳи мардумию сарбозӣ...

Бо ин ҳама бош сабзу гулафшон,
Эй гӯшаи сабзи Тоҷикистонам.
Бо туст маро саодати ҳастӣ,
Бо туст ба дил умеди хандонам!

## КӮЛОБИ МАН
(*суруд*)

Шаҳри бо ному нишон, Кӯлоби ман,
Ифтихори тоҷикон, Кӯлоби ман.

Сарбаландӣ бо Бадахшону Хуҷанд,
Бо Ҳисори шодмон, Кӯлоби ман.

Рӯҳи Исмоили Сомонӣ кунун
Бошадат чун посбон, Кӯлоби ман.

Чун қадамгоҳи бузургон донамат
Мулки машҳури ҷаҳон, Кӯлоби ман.

Давлату савлат зи ту дарёфтам,
Бар сарам тоҷи Каён, Кӯлоби ман.

Рангу бӯе ёфта шеъри тарам
Аз гули ин хокдон, Кӯлоби ман.

Меҳри ту чун модару Меҳан маро
Дар ниҳодам ҷовидон, Кӯлоби ман.

Бе ту натвонам гирифтан як нафас,
Ҷону дил, эй ҷони ҷон, Кӯлоби ман.

## АБРИ БАҲОР

Эй навбаҳор,
Олиҳаи ҳусни оламӣ,
Рамзи ҷавонию дили пуршӯри одамӣ.
Чун ёри сабзқомати ман сабзу хуррамӣ,
Боре зи рӯи меҳр маро кун навозише.

Хуш омадӣ! Ба базму тарабҳо зи роҳи дур,
Чашмони ман зи сабзаи рӯят гирифт нур.
Дил пеши ҳусни туст чу як тифли носабур,
Чун ширбӯй кӯдаки таннози модаре.

Он абрҳои синасафеди чу боли қӯ
Ёд оваранд, ёд зи дунёи орзу.
Чун ёдҳои ман ҳама дам рафта сӯ ба сӯ,
Гӯё ки бахти гумшударо ҷустуҷӯ кунанд.

Абри баҳор! Рез сари роҳу кӯ ба кӯ,
Дарё шаву бубар самари хеш ҷӯ ба ҷӯ.
Сарсабз бод кишти ман аз оби ҷӯи ту,
Абри баҳор, рез ба домони файзбор!

## РУҶӮИ АСКАРИ ГУМНОМ

Дар зери тиру тӯп,
Дар оташи набард,
Дар рӯ ба рӯи хасм
Истодаам чу мард.

Дирӯз номае
Омад зи дилбарам,
Аз шодӣ мерасид
То осмон сарам.

Гуфтаст: – ёфтем,
Ай ҷони ман, писар,
Гулҳои бахти мо
Бишкуфт ин саҳар!..

Сарбози сафшикан,
Ман бо сари баланд
Аз хизмати Ватан
Гардида арҷманд.

Бар хасми зиндагӣ,
Бо кина дар камин,
Ман ҷонфидо будам
Бар ҳар ваҷаб замин.

Ман муждаам кунун
Аз лаҳзаи Зафар.
Дар ҳар дару диёр
Бар модару писар.

Ман сангпайкарам?
– На, ҷони зиндаам.
Дар хандаҳои бахт
Бинед хандаам!..

## МАНЗАРА

Шабе дунё ҳама хоб аст,
Манам бо ахтарон бедор.
Маҳи танҳо, мани танҳо,
Ду танҳо – интизори ёр.

Самои дури минуӣ
Зи ахтарҳо чароғон аст.
Замин то бар само гӯӣ
Раҳи чашминтизорон аст.

Насими нарми субҳонӣ
Ба ҳар сӯ анбарафшон шуд.
Сафои мавҷҳои нур
Чу мӯи ту парешон шуд...

## ГУЛИ ДАРД

Шаби танҳоиям, ки хона сард аст,
Дилам ҳамхонае бо оҳу дард аст.
Бидидам аз тиреза чеҳраи моҳ
Чу ман аз интизорӣ рангзард аст.

Ба рӯи шишаи тиреза он гаҳ
Чи зебо оҳи сардам нақш бандад.
Гули барфинаи умедворӣ
Ба ман з-оинаи тиреза хандад.

Ана, чун лӯлабарфе мешавад ҷар
Ту гӯӣ дар дили ман моҳи тобон.
Ва аз сӯзи дили ғампарвари хеш
Чу боди субҳ мегардад ғазалхон.

Даме, ки синаам бишкуфт, ёрон,
Гулу себарга буд пайки баҳорон.
Дамид аз хоки гул гӯё сияҳгӯш,
Гули пурдард аз хуни Сиёвуш!

## ЛАҲЗАИ ХОМӮШӢ

Эй зиндаҳо,
Эй зиндаҳо,
Эй шодию ғамҳои даҳр,
Афтода бар дӯши шумо.
Уммед дорам лаҳзае,
Бар ёдбуди рафтагон,
Хомӯш истед, ин замон!
Хомӯш истед, илтимос,
Бигрифта аз набзи Замин,
Бар гӯши мо то бар абад
Ояд нидое инчунин:
Бобою додо, додарон,
Ҳам хоҳарону модарон.
Додем ҷон чун як тане,
Бар нангу номуси замон.
Мо нек фарзандони ту,
Эй модари мушфиқ – Ватан.
Аз меҳри покат кардаем
Пероҳани худро кафан.
Хобем мо андар замин,
Оғӯш карда ҳамдигар.
Ҳам аз гили армони мо
Гулҳо шукуфон ҳар саҳар!
Аз ҷону дил ошиқ шавед
Сарбозҳои рӯзгор
Бар гулрухони нозанин,
То сулҳ бошад пойдор.
Эй зиндаҳо,
Эй зиндаҳо,
Уммед дорам аз шумо,
Бар ёдбуди рафтагон,
Бошед хомуш як замон!

## ТУХМИ УМЕД

Субҳро хуш, ки шукуфон бинам,
Меҳрро хуш, ки дурахшон бинам.
Ба умеде биравам бар раҳи дур,
Хубу нохуб дучандон бинам.

Ба замин доне агар биншонам,
Донаи меҳри дилам афшонам,
Лек то ин ки расад, баҳра диҳад,
Боядаш вақт, яқин медонам.

Кош бар тухми умед об расад,
Хок чун тифл кунад оғӯшаш.
Меҳр, эй кош, бубахшад нураш,
То бубинӣ ба чаман гулпӯшаш.

Субҳро хуш, ки шукуфон бинам,
Меҳрро хуш, ки дурахшон бинам.
Тухми афшондаи уммедамро
Кошки сабзу гулафшон бинам!

## ЗАБОНИ ДИЛҲО

Худ, ки дарёдилӣ, рафиқи ман,
Ҳикмати халқро ту медонӣ.
Дӯстони забониянд зиёд,
Кам бувад лек дӯсти ҷонӣ.

Шукри давру замона дорам ман,
Ки маро ҳаст дӯстони зиёд.
Бовафо ҳар яке зи ҳамдигар,
Ҳастам аз бахти хеш беҳад шод.

Рӯи олам шинохтам худро
Гар ба алфози модари дилсӯз.
Ин ҷаҳонро шинохтам, ёрон,
Бо забони бародарӣ имрӯз.

Меҳри инсон забони дилҳо ҳаст,
Ҳамчу ганҷе ба синаам ҷо шуд.
Баҳри ман сад забону сад миллат,
Лафзи ширину лафзи зебо шуд.

## МУБОРАКБОДӢ
(*суруд*)

Баски пайвандӣ ба тори қалбу ҷон,
Бар ту, эй Кӯлобшаҳри бостон,
Бод табрику муборак Соли Нав,
Рӯзгори тозаву иқболи нав!

Дар диёри файзбори тоҷикон
Файзи нав дарёфта андар замон.
Гӯшаи сарсабзи дунё Меҳанам,
Ваҳ, чӣ хуш овоза дорӣ дар ҷаҳон!

Баски пайвандӣ ба тори қалбу ҷон,
Бар ту, эй Кӯлобшаҳри бостон,
Бод табрику муборак Соли Нав,
Рӯзгори тозаву иқболи нав!

Мо ҷавонон – ошиқи поки Ватан,
Зар бирӯёнем аз хоки Ватан.
Ҷовидон аз ҳиммати мо бошадо
Соф то субҳи фараҳноки Ватан.

Баски пайвандӣ ба тори қалбу ҷон,
Бар ту, эй Кӯлобшаҳри бостон,
Бод табрику муборак Соли Нав,
Рӯзгори тозаву иқболи нав!

## ОЁ ХАБАР НАДОРӢ
(*суруд*)

Ман дардманди ишқам,
Оё хабар надорӣ?
Ман дар каманди ишқам,
Оё хабар надорӣ?

Дарёи шӯхи кӯҳӣ,
Бо шӯри дил равонӣ.
Бар ёдам оварӣ ту
Дунёи навҷавонӣ.

Эй ғунчаи шукуфта,
Хуш бод навбаҳорат.
Бор оварӣ ту имсол,
Табрик баргу борат.

Хуршеди оламоро,
Ин қадр дилнавозӣ.
Аз баҳри зиндагонӣ
Лабрези сӯзу созӣ.

Эй наварӯси шеърам,
Саршор аз вафоӣ.
Хоҳам, ки ту набинӣ
Ҳаргиз ғами ҷудоӣ.

Эй дил, ту ҳамсадоӣ
Бо созу сӯзи даврон.
Саршори меҳри модар,
Сармасти васли ҷонон.

Ман дардманди ишқам,
Оё хабар надорӣ?
Ман дар каманди ишқам,
Оё хабар надорӣ?

## ОРАД БА ЁД

Васфи ту, Меҳан, зи ранҷу ҳосилам орад ба ёд,
Кӯҳсорат маншаи обу гилам орад ба ёд.

Нахли умрам дар замини ишқ соҳибреша аст,
Порахишти шаҳри Мунк аз манзилам орад ба ёд.

Борҳо дар зиндагонӣ мурдаю эҳё шудам,
Қалъаи вайрони Ҳулбук қотилам орад ба ёд.

Чашмаи шеърам расад то рӯду дарёҳои ту,
Мавҷхези оби ту аз соҳилам орад ба ёд.

Чун бубинам ҳайкали Восеъ бо рӯҳи баланд,
Саркашию шӯру исёни дилам орад ба ёд.

Ваҳдати миллат навид аз сарфарозиҳои мост,
Хомаи дар шеър гуфтан қобилам орад ба ёд.

* * *

Бузургони хирадманди ҷаҳон моро ҳимоятгар,
Ялону родмандони замон моро ҳимоятгар.

Алайҳи мо барояд дар ҷаҳон гар нотавонбине,
Авасто, Шоҳнома, Тоҷикон моро ҳимоятгар.

Нагардад дӯст то душман зи ноҷо ҳарфгӯиҳо,
Суруди меҳрубонӣ дар забон, моро ҳимоятгар.

Зи худ огоҳ, сад шукрона, огаҳ аз Худо ҳастем,
Вуҷуду ваҳдати хурду калон моро ҳимоятгар.

Чу аз тиру камон дурему бо абрӯкамон наздик,
Фарози осмон рангинкамон моро ҳимоятгар.

Наметарсам, ки борони маломат бар сарам резанд,
Дили аз ишқ дарёи дамон моро ҳимоятгар.

## ОҲАНГИ ҲАМДАРДӢ

Он кас, ки ғам дорад ба дил, ҳамдарду ҳамҷони ман аст,
Оҳанги ҳар ҳамдардие бар дард дармони ман аст.

Гар ҳаст қурси офтоб аз хони сабзи осмон,
Нони ҳалоли зиндагӣ дар хони даврони ман аст.

Деҳқони соҳибшаъни ман халлоқи нозу неъмат аст,
Ҳам сарбаланду босафо чун кӯҳсорони ман аст.

Аз ҳиммати дарёдилон обод гардад Данғара,
Ин даштҳои ташналаб фардо гулистони ман аст.

Чун зарби путки коргар зарби сухан бояд шунид,
Ин сӯзусози шеъри тар аз оташистони ман аст.

Дар мазраи аҳду вафо тухми садоқат коштем,
Нахле агар сар мекашад, аз ишқу армони ман аст.

Ҳарфе бигӯӣ, шоиро, шаҳмисраи шеърат бувад,
Ин ҳарфи Ваҳдат дар дили халқи баимони ман аст.

Дар рӯи олам бешумар бошад билоду шаҳрҳо,
Якто чу Модар баҳри ман, ин Тоҷикистони ман аст.

## ШАТРАНҶ

Дар хаёлам зиндагонӣ саҳнаи шатранҷ ҳаст,
Ранҷ агар бар ҷон кашидӣ, нақдаи он ганҷ ҳаст.

Мӯҳраҳо аз дона то фарзин чу мебошад азиз,
Нест нодаркор саҳни рӯзгорон ҳеҷ чиз.

Борҳо бишнидаю дидем дар ин корзор,
Буд нобуд гаштаю нобуда буд, ин гӯш дор:

Бингарад ҳар мӯҳрае бар тахта бо азму субот,
Бар ямину бар ясору пешу пас бо эҳтиёт.

Майда-майда дона бо ҷидду ҷадал фарзин шавад,
Зинбапуште аз амал охир савори зин шавад.

Ростӣ омӯз аз рафтори худ гоҳи набард,
Каҷравии асп охир шоҳи худро мот кард.

Дар ҳақи фарзин яке фил кори бас марғуб кард,
Дигаре бо ҳамлаи худ шоҳро мағлуб кард.

З-ибтидо ҳар мӯҳрае дорад ба худ ҷоеву ном,
Гоҳи бурду бохт мегардад яке воломақом.

Ин ба ону он ба инаш такягоҳу ёвар аст,
Ҳар яке бозингару корозмуда довар аст.

Ваҳдати шатранҷ бар мо панд бошад, бегумон,
Шоҳ чун танҳо бимонад, мот гардад он замон.

## МАРЗИ НОМУС

Эй мулки қадими тоҷикон – Кӯлоб,
Аз нанг ба хеш кардаӣ парчам.
Бишкаста миёни душманони худ,
Дорӣ ба барат ҳазору як Рустам.

Як умр ту рӯҳи саркаше дорӣ,
Мардона намеписандӣ номардӣ.
Сар додаю сир надодаӣ, аҳсан,
Сад ном ба номи нек овардӣ!

Болои сари ту хасми ғаддорат
Бо теғу синон агарчи биншастанд.
Урдуи Сикандару араб, Чингиз,
Аз оташи қаҳри ту куҷо растанд?!

Аз ҷаҳли ҷаҳони нобасомонӣ
Халқе чу залилу зумрае шуд маст.
Шоҳин, ки назарбаланд фарде буд,
Овард сари замона пешаш паст.

Деҳқони асил, марди майдонат
Ҳар дона ба сад умед мекорад.
Аз чашми сахои абри найсонӣ
Ризқи ҳама бо дуош меборад.

Ҳам хона пур аз саховати даврон,
Ҳам шаҳди намак зи Хӯҷамӯъмин аст.
Бо нуктаи шоирони мумтозат
Коми ҳама шаҳдҷӯй, ширин аст.

Гар кӯҳи баланд мояи фахр аст
Бо ганҷу заре ба корвони хеш.
Оҳанги суруди обшоронат
Шуд маснади фахр бо ҷаҳони хеш.

Кӯлоб, ба ҷони мо, ки пайвандӣ,
Зебо Ватани манию фарзандам.
Бо риштаи зарҳалии меҳри ту
Ҷону дили хешро бипайвандам.

Хоҳам, ки ситорабахти ту, ҷоно,
Ҷовид дар осмони мо бошад.
Аз қуллаи Кӯҳи Валвалак бо сеҳр
Бар халқи азиз раҳнамо бошад.

## БИРАФТӢ...

Марав охир!
Чу гардидам ҷудо аз ту, ҷудо аз дил,
Мисоли қатрае гӯё, ки аз дарё ҷудо гаштам.
Маро охир ҳамон соҳил мароми зиндагӣ омӯхт,
Ки бо ту борҳо паҳлӯ ба паҳлӯ шод биншастам.

Бирафтӣ дуртар,
Афсӯс, овозам набишнидӣ!
Чаро пас инчунин дар сина дилро ноаён бастӣ.
Ба ёдат ҳаст оё бо нигоҳи шӯълаангезе,
Диламро бо дилат аз меҳри поки хеш пайвастӣ?

... Бирафтӣ дуртар...
Аз ин гузашти зиндагониро бифаҳмидам,
Дави тези саманди навҷавониро бифаҳмидам.
Назар бинмуда аз пуштат, ба худ печидаму гуфтам:
Ба чашмонам ғуруби Ишқи оламтобро дидам.

* * *

Зан ба мо Модар, арӯсу хоҳари ҷон мешавад,
То бувад паҳлӯи мо, ҳар мушкил осон мешавад.

Модару Меҳан бувад сарманшаи ҳастии мо,
Модари яктои мо ҷон Тоҷикистон мешавад.

Гуларӯси нозанини мо ба лабханде кунун
Ҳуснафзои баҳору сад гулистон мешавад.

Хоҳари шафқат зи рӯи меҳру эҷози ҳунар
Худ шифобахшандае бо лутфу эҳсон мешавад.

Зан радифи ин Замину Офтобу зиндагист,
Ҳамчунон Модар – Худо халлоқи инсон мешавад.

## ИҚТИДОРИ МО
(*суруд*)

Зиндагиро ошиқи пок аз дилу ҷонем мо,
Дӯстиро дар адои аҳду паймонем мо,
Покдил бошӣ, биё, ки дӯстхоҳонем мо.

Дӯстии халқҳо ин иқтидори мо бувад,
Шаҳсутуни устувори рӯзгори мо бувад.

Менависам шеър умре дар ҳавои дӯстӣ,
Месароям байти дилро бо навои дӯстӣ,
Ҳамсадо бошад дили ман бо садои дӯстӣ.

Дӯстии халқҳо ин иқтидори мо бувад,
Шаҳсутуни устувори рӯзгори мо бувад.

Бо ливои дӯстӣ мо дастболо гаштаем,
Бо камоли дӯстӣ машҳури дунё гаштаем,
Бо тавони дӯстӣ зӯру тавоно гаштаем.

Дӯстии халқҳо ин иқтидори мо бувад,
Шаҳсутуни устувори рӯзгори мо бувад.

## ҲАМНАФАСӢ

Солҳо диққи нафас будам ман,
Марг ҳар рӯз гулӯгирам буд.
Эй басо ранҷ кашидам, ёрон,
Баста ҳар сӯ раҳи тадбирам буд.

Ҳама шаб сӯхта – шамъе гирён,
Гули оташ будӣ ҳар обилаам.
Аз табу тоб ҳамеларзидам,
Рафт сар то ба қадам зилзилаам.

Оқибат гашт яке чорагарам,
Дигаре шишт чу модар ба барам.
Саввумин гашт даме ҳамнабзам,
Чорумин гашт ба раҳ ҳамсафарам.

Чун гули санг ба уммеди дигар
Сабз шуд нахли тари илҳомам.
Нури хуршед чу як ришта асал
Кард хушнудаму ширинкомам.

Дӯстон, сирри саломат будаст
Дар дами мушкилӣ фарёдрасӣ.
Ба ҳам оеду ба ҳам дӯст шавед,
Ман шифо ёфтам аз ҳамнафасӣ!

## ИМШАБ

Шаби ҳиҷрону ман бедор,
Ситора дар сари дашту даман бедор.
Мисоли чашми ман бедор.
Насими атрафшони шабонгоҳӣ
Ту гӯӣ меҳмоне бо дарахтон аст.
Миёни навдаҳо чун духтари гулфом,
Ғазалхон асту рақсон аст.
Ман имшаб бо само ҳастам,
Ман имшаб бо сабо ҳастам.
Ман имшаб дар миёни баҳри
шеъру шоирии хеш
Ҳамоҳанге ба фавҷи мавҷҳо ҳастам.
Ман имшаб ҳамчу мавҷе дар шино ҳастам...
Дилам аз сӯзҳои сард месӯзад,
Барои дилбари бедард месӯзад...
Шаби танҳоиям вақти саҳар
Бо гунаҳои зард месӯзад.

## ИШҚИ ТУ ДОРУЮ ДАРМОНАМ ШУД

Субҳи содиқ нафаси тоза расонд,
Дар дилам партави хуршед дамид.
Доштам доманат, эй шеъри Аҷам,
Дар дилам шӯълаи уммед дамид.

Каф чу баргони дарахтон бизадам,
Гӯш кардам ба суруди борон.
Бикушодам ба ҷаҳон дидаи меҳр,
Бикушодам бағали меҳри ҷаҳон.

Сатрҳо пайраҳаи роҳам шуд,
Раҳ гирифтам ба диёри армон.
Дил кушодам ба азизони Ватан,
Меҳр бастам ба ҳама ҳамватанон.

Нахӯрам ғам дигар аз ҷони азиз,
З-он даме шеър ғами ҷонам шуд.
Кардам эҳсос аҷаб дарди ширин,
Дардат, эй шеър, чу дармонам шуд.

## БА МАҚСАД МЕРАСАМ

Чашми ман бикшода умре сӯи ту,
Роҳ гирам ҳар замон бар кӯи ту.
Дил гирифтори хами гесӯи ту,
Ҷон фидои қомати дилҷӯи ту.

Баҳри ту, ай ҷони ширин, ёр-ёр,
Мекунам гаҳ гиряҳои зор-зор.

Бар дилам нури нубувват – нури ту,
Бар танам дармону қувват – зӯри ту.
Субҳи содиқ аз сафои рӯи ту,
Накҳати гулҳо зи атри бӯи ту.

Баҳри ту, ай ҷони ширин, ёр-ёр,
Мекунам гаҳ гиряҳои зор-зор.

Бандагони пургунаҳ, бечораем,
Андар ин чархи барин овораем.
Дар раҳат, ҷоно, ба ҷон афтодаем,
Мо ҳама чун ошиқи дилдодаем.

Баҳри ту, ай ҷони ширин, ёр-ёр,
Мекунам гаҳ гиряҳои зор-зор.

Шоирам бо хостат, ай Кирдигор,
Дар саманди орзуҳоям савор,
Дил зи сӯзи ишқ зору беқарор,
Мекашам бори гарони рӯзгор.

Баҳри ту, ай ҷони ширин, ёр-ёр,
Мекунам гаҳ гиряҳои зор-зор.

## АЗ ОН ВАҚТЕ КИ ХУРШЕДУ ЗАМИН АСТ

Аз он вақте ки Хуршеду Замин аст,
Тариқи зиндагониҳо чунин аст:

Накӯиву бадӣ бар насли одам
Расида аз гузашта то ба ин дам.

Яке бо маслиҳат гар ҷомае дӯхт,
Дигар дар оташи ҷаҳлаш варо сӯхт.

Ниҳоли дӯстӣ биншонд гар як,
Бикардаш решакан нодони аҳмақ.

Яке бар дӯш бори ғам кашида,
Дигар аз беғамӣ худро надида.

Яке бо ранҷи дасти хеш нон хӯрд,
Дигар ҳаққи ҳалоли мардумон хӯрд.

Яке овард хушбахтӣ ба Инсон,
Дигар – бадбахтӣ чун Заҳҳоки морон.

Яке худ чашмасон то рӯдҳо бурд,
Дигар чун аждаҳо дарё фурӯ бурд.

Яке буд аз қаноат доимо сер,
Дигар Қорунсифат шуд чашмносер.

Яке бо мост мисли гушту нохун,
Дигар худ бо худаш дорад шабохун.

Яке позаҳри дарди дардмандон,
Дигар – заҳри муқотил баҳри инсон.

Яке чун субҳгоҳон ханда дорад,
Дигар рашки ҷаҳонсӯзанда дорад.

Яке чун ганҷ андар синаи кӯҳ,
Дигар суде надорад як сари мӯ.

Яке ҷон дода ҷон эҳё намояд,
Дигар ҷону дилаш савдо намояд.

Яке дилдодаи кори савоб аст,
Дигарро не ҳисобу не китоб аст.

Яке ошиқ чу Данко дил барафрӯхт,
Дигар чун хоине номӯс бифрӯхт.

Яке чун офтоби зиндагонист,
Дигар чун тирагии шом холист.

Тариқи зиндагониҳо чунин аст,
Даме ки даври Хуршеду Замин аст.

Қаландар дар тазоди насли одам
Чу кӯҳ бинмо сукут, андеша як дам...

## ХОВАЛИНГ

Кӯҳсори хушҳавои Тоҷикистон, Ховалинг,
Сарзамини босахои Тоҷикистон, Ховалинг.

Ташналаб буданд умре лек аҷдодони мо,
Дар лаби дарёю садҳо чашмасорон, Ховалинг.

Шоҳиди пасту баландиҳо туӣ дар зиндагӣ,
Чил чанорат гӯиё чил марди майдон, Ховалинг.

Ёфтӣ аз ҳамдилию Ваҳдати халқи Ватан
Навбаҳори тозае дар рӯзгорон, Ховалинг.

Шукри он дорам, ки андар арсаи меҳнат кунун
Шӯҳратат боло шуда чун номдорон, Ховалинг.

Рӯҳи Восеи диловар сарбаландат кардааст,
Кардаӣ пероҳан аз номусу виҷдон, Ховалинг.

Тӯдаи санге, ки андар шаҳри Мункат дидаам,
Мекунад огаҳ маро аз аҳду паймон, Ховалинг.

Меҳри ту буд, ки ба васфи Тоҷикистони азиз
Чу Ализода Қаландар шуд ғазалхон, Ховалинг.

## ҲАЙФ, ҲАЙФИ...

Меҳрубонам буд як ҳамкори ман,
Чун бародар ёвару ғамхори ман.
Бо қалам номи варо кардам алам,
То шавад шамъе ба шоми тори ман.

Лек ӯ шуд аз пайи озори ман,
Ҳайф, ҳайфи кардаҳои зори ман.

Аз дилу ҷон дӯсташ медоштам,
Рӯй-рӯи даст мебардоштам.
Дар замири орзуҳои дилам
Тухми меҳрашро ба ҷон мекоштам.

Лек ӯ шуд аз пайи озори ман,
Ҳайф, ҳайфи кардаҳои зори ман.

Хостам, ки бо ҳунар одам шавад,
Бадхисолӣ рафта-рафта кам шавад.
Рағми садҳо гирумони зиндагӣ
Як азизи мардуми олам шавад.

Лек ӯ шуд аз пайи озори ман,
Ҳайф, ҳайфи кардаҳои зори ман.

Ҳамчу Маздо гуфтам аз пиндори худ,
Аз саховатпешагӣ, гуфтори хуб.
Хулқу одоб аст моро тоҷи сар,
Қиссаҳо мегуфтам аз кирдори хуб.

Лек ӯ шуд аз пайи озори ман,
Ҳайф, ҳайфи кардаҳои зори ман.

Гоҳ худ бо худ шабохун мезанад,
Лофҳое зери гардун мезанад.
Дил харошад, боз нохун мезанад,
Даст бар авҷи Фалотун мезанад.

Лек ӯ шуд аз пайи озори ман,
Ҳайф, ҳайфи кардаҳои зори ман.

Шиквае моро наяст аз носипос,
Карда як умре даҳонаш бӯи нос.
Шукри ҳақ гӯям, накарда кори бад
Гаштаам, ай дӯстон, аз ӯ халос.

Баски ӯ буд аз пайи озори ман,
Во дареғи кардаҳои зори ман.

## АФТИДАНӢ НАМОНАД

Дар шаҳри мо бигӯянд,
Як садри корхона
Худро ба даҳр хонад
Чун сарвари ягона.

Гарчи яқин надонад
Ҳарфу ҳисоби абҷад.
Карру фаре ки дорад,
Дар қолабе нағунҷад.

Бар аспи мансаби хеш
Қамчӣ занад ҳамеша.
То қаъри хок ин дам
Дорад ба хеш реша.

Ӯро ба сар набошад
Ҳам дониши казоӣ.
Гарчи бувад суханҳош
Пеши ҳама ҳавоӣ.

То ҳол рӯи мансаб
Ӯ шаст менишонад.
Гӯё тағош ҳаргиз
Афтиданӣ намонад.

## АЗ БАЛАНДИҲОИ МАЪНӢ

Аз баландиҳои маънӣ
Бар сияҳкореву пасте,
Бар хабису носипосе,
Ҷоҳиле, аз кибр масте
Гиряи мардона кардам.

Рағми шайтонтинатоне,
Ҳамчу рӯбаҳ думликоне,
Бар палиде, худситое,
Ҳар замон дар ваҳми ҷоне
Хандаи мастона кардам.

То шавам эмин зи касрат,
Ёд н-орандам ба нафрат.
Бо дили бедор худ дур
Кардам аз ӯ бо таҳорат,
Хандаи мастона кардам.

Рӯи хони дафтари шеър,
Рӯ ба рӯям духтари шеър.
Ишқро сармоя гуфтам,
Соғару паймона гуфтам,
Хандаи мастона кардам.

Аз баландиҳои маънӣ
Бар сияҳкореву пасте,
Бар хабису носипосе,
Ҷоҳиле аз кибр масте,
            Гиряи мардона кардам,

Оҳ! Оҳ!
Гиряи мардона кардам,
Хандаи мастона кардам.
Қоҳ-қоҳ!
            Хандаи мастона кардам.

## ОЛАМИ МАН
(*суруд*)

Дар ин ҷаҳони армон даври ҷавонӣ дорам,
Аз меҳри ҷовидонӣ бар худ ҷаҳоне дорам.
Монанди оби дарё пайваста мезанам ҷӯш,
Аз баҳри ташнакомон гавҳарфишонӣ дорам.

Дар рӯи гарми ёрон дидори бахт бинам,
Ман дар канори дилбар бо бахт ҳамнишинам.
Аз меҳри халқи кишвар он сон сабақ гирифтам,
К-имрӯз бо ҷаҳоне бо ҷону дил қаринам.

Фарзанди орзуям, фарзанди зиндагиям,
Як умр дар дили ман меҳри диёр бошад.
Дар чор фасли дунё аз ишқу орзуҳо
Дар синаам шукуфон фасли баҳор бошад.

Имрӯз ҳамчу чашма қалби ҷавоне дорам,
Аз тухми орзуҳо рангинкамоне дорам.
То ҳаст қатраеву то ин ки ҷоне дорам,
Бо ҷону дил ҳамеша сайъи равоне дорам!

## РӮЗИ ХУШБАХТИИ МАН

Рӯзи хуб аст бароям рӯзе,
Ки саҳаргоҳ бихезам хушҳол.
Дасту рӯ шуста бигирам аз нав
Субҳи навомадаро истиқбол.

Рӯзи хуб аст бароям рӯзе,
Ки ба дидор расад ёр ба ёр.
Ханда созад гули зебои мурод
Аз нафасҳои равонбахши баҳор.

Рӯзи хуб аст бароям рӯзе,
Аскар аз хизмати ҳарбӣ ояд.
Модараш дида саломат ӯро,
Бағали сидқу вафо бикшояд.

Рӯзи хуб аст бароям рӯзе,
Дилбаре соҳиби гаҳвора шавад.
Ишқ дар хонаи ӯ гул бикунад,
Бахти ӯ ҳамбари истора шавад.

Рӯзи хуб аст бароям рӯзе,
Ошное ба суроғам ояд.
Ҳамраҳаш шеъру ғазалҳо хонам,
Аз рухаш баҳри дилам бикшояд.

Рӯзи хуб аст бароям рӯзе,
Тифлу модар ҳама хандон бошад.
Ба сари сабзи замини падарон
Сулҳ хуршеди дурахшон бошад.

Рӯзи хуб аст бароям рӯзе,
Рузгоре ки ба файзу пирӯз.
Нияту ҳам назари нек бувад,
Рӯзи хуб аст ба одам ҳар рӯз!

## ҶОНИ ОДАМ

Тифлаки дирӯзи Кӯлоби куҳан
Шукри Ҳақ, гардида як соҳибватан.

Дар ҳаёт оне, ки овард ӯ ба даст,
Аз дуои қиблагоҳу модар аст.

Гавҷигар як шердил, марди сахӣ,
Ҳам дуо бигрифта аз Мири Алӣ.

Родмарди мулки Хатлон донамаш,
Родмарди Тоҷикистон донамаш.

Бори нангу номусу миллат дар ӯст,
Хуб душманро шиносад ӯ зи дӯст.

Дар дилу дар дидаҳо ҷо гаштааст,
Бар рақибон дастболо гаштааст.

Дар тамоми кору бори рӯзгор
Дастгири ӯ бувад Парвардигор.

Дастгири халқ андар рӯзи сахт,
Аз Худо ёбад ҷалолу тоҷу тахт!

Худ чу Ҳотам ҳаст, донаш агар,
Ҷони одам ҳаст, ёбиаш агар.

## РОҲИ ДИЛҲО

Мо ба рағми дигарон не,
Баҳри зисту зиндагонӣ,
Баҳри субҳи босаодат,
Аз ҳақиқат, бо таҳорат,
Ҷонсупориҳо кунем,
Сарсупориҳо кунем!
То кунем ободтар зебо Ватанро,
Медиҳам коҳиш
Ҳар дам ҷону танро.
То зи оби Вахш,
К-он худ
Зодаи ин кӯҳсори Меҳан аст,
Ҳамчу кӯҳе Кохи нур обод созем,
Хонаи дил –
Хонаи тоҷикро
Боз равшантар намуда,
Шод созем!
Мо таваккал бар Худо карда,
Синаи сад санги хоро
Кофтем,
Санггашта орзуҳои ҳазоронсоларо,
Шукри Ҳақ, бо кори ҳақ
Дарёфтем!
Баъди ин моро ба шайтон кор нест,
Дар дили мо нури яздонист ҷо,
Мекунем обод ин ҷонон Ватанро,
Бо дилу бо дасти ин халқи бузург,
На ба рағми дигарон – баҳри Худо.

* * *

Садо биомӯз, ай дил, аз садои Абдулҳай,
Ва сад наво биомӯз аз навои Абдулҳай.

Сапедадам чи хандон офтоби умедам,
Шавад он пурсӯзтар аз сафои Абдулҳай.

Ба мулки ишқ чу ман гадою қаландар бош,
Намой тоқати ҷабру ҷафои Абдулҳай.

Магӯй ҳарфи беҷо дар дӯконзари маънӣ,
Ки дар намонӣ он гаҳ дар балои Абдулҳай.

Бидод тан рақиб низ аз ҷавонмардӣ,
Чу хонд номаи меҳру вафои Адбулҳай.

Бикошта тухмаи шеърам дар заминсаҳфа,
Гувоҳи ҳақ бувадо аз сахои Абдулҳай.

Суханшинос каму ҳарзагӯй бисёр аст,
Гуҳаршинос туӣ дар баҳои Абдулҳай.

## СОҲИБДИЛӢ АГАР ТУ...
(*суруд*)

Гар шамъи равшан астӣ,
Парвона гӯй моро.
Дар базми ошиқона
Паймона гӯй моро.

Гар хирмани вафоӣ,
Як дона гӯй моро.
Гар достони ишқӣ,
Афсона гӯй моро.

Гар баҳри орзуӣ,
Чун қатра гир моро.
Хуршеди олам астӣ,
Чун зарра гир моро.

Дар кӯи ошноӣ,
Чун ҷода гӯй моро.
Соҳибдилӣ агар ту,
Дилдода гӯй моро.

## СУРУДИ ДИЛ

Зи ҷӯши меҳр, меҳри поки ёре,
Маро дар ҷӯш хуни навҷавонист.
Дилам бо як ҷаҳон уммед хонад
Сурудеро, ки васфи зиндагонист.

Манам як чашмаи роҳи муҳаббат,
Биҷӯшам мислатон, эй чашмасорон.
Маро бошад сукуту ҳам таҳаммул
Ба монанди шумо, эй кӯҳсорон.

Даме, эй баҳри пуртуғёни даврон,
Маро дар қаъри худ ҷо кун чу гавҳар.
Ки то дарёбаду қадрам бидонад,
Фақат дарёнавардони шиновар.

## СУБҲИ ОРЗУ

Рӯи олам шуда тиллоиранг
Аз қадамҳои зарафшони шед.
Рақс доранд баргҳо аз шавқ,
Ҳамчу дар субҳи созгори умед.

Паҳн гардам ба ҳар канори Ватан
Ҳамчунон боди дилкаши дарё.
Мисли борон бирезаму резам
Рӯи гулҳою сабзаи саҳро.

Пар кушоям ба чархи минуӣ,
К-ахтараш лолаҳои хандон аст.
Нури хуршед аз сахои Худо,
Бар замини умед афшон аст.

Килки ман рози худ баён дорад,
Рози дил – рози зиндагониро,
Бо умеду ҳавас кунад иншо
Қиссаи умри навҷавониро.

Дар дили шаб, ки шеър мегӯям,
Шаш ҷиҳат ҷумла олами розанд.
Сафҳаҳои сафедро аз меҳр
Сатрҳо сарнавишти ман созанд.

## МАРДИ КОРДОН

Марди доно ҳаст марди кордон,
Дастболо ҳаст марди кордон.

Марди кор, о, номи гӯёеву хуш,
Сарвари мо ҳаст марди кордон.

Дар раҳи эҷодкориҳои нав
Раҳбари мо ҳаст марди кордон.

Чун бародар некрою некбин,
Дар бари мо ҳаст марди кордон.

Хоса бозингар ба шатранҷем хуб,
Довари мо ҳаст, марди кордон.

Тозакориҳо варо қавлу амал,
Шамъи дилҳо ҳаст марди кордон.

Ҳамчу кӯҳе хоксору сарбаланд,
Пойбарҷо ҳаст марди кордон.

## МАРҲАМИ ҶОН

Духтари зебои Кӯлоби гулафшон, зинда бош,
Қаҳ-қаҳи кабкони зебою хушилҳон, зинда бош!

Дар чаман гулҳои хандон чун пари товус бин,
Булбули шӯрида дар гулбоғи хандон, зинда бош!

Чашмаи илҳоми ман як умр дар ҷӯш асту бас,
Эй диле монанди дарёи ғазалхон, зинда бош!

Дар радифи шоҳбайташ дил чу гул ояд ба рақс,
Эй дили сармаст, аз бӯи гулистон, зинда бош!

Дар дили аз ишқ бемори Қаландар солҳо
Созу овозат бишуд чун марҳами ҷон, зинда бош!

## МОДАРИ БАДАВЛАТ

Ёд орӣ хирмани мушкини мӯятро,
Моҳ, балки офтоби ҳусни рӯятро.
Он ҷавониҳо – баҳори рангу бӯятро,
Навниҳоли қомати андар нумӯятро.

Ҳусни ту дар сӯзаниҳои чакан хандад,
Дар шукуфтанҳои гулҳои чаман хандад.
Дар гули насрину садбаргу суман хандад,
Дар баҳори нозанини ин Ватан хандад.

Ёди мозӣ мекунӣ аз субҳ то бегоҳ,
Роҳ бинад дидаат аз интизориҳо.
З-омади фарзандҳо чун мешавӣ огоҳ,
Шодият асло намеғунҷад дар ин дунё.

Бо таҳорат хонад ҳар гоҳ ояти Қуръон,
Шукри Меҳан дорию фарзона фарзандон.
Балки сад шукрона бар ин додаи Яздон,
Аз Худо хоҳиш бувад танҳо туро имон.

## НОМАИ ДИЛ

*Ба устод Мӯъмин Қаноат*

Шумо монанди дарёи мусаффоед,
Ки аз садҳо, ҳазорон чашмасорон
Ибтидо доред.
Шумо монанди абре, ки аз он
Борони ҷонбахшо ба гандумзор мерезад,
Зи даҳ ангушташон файзи ҳунар хезад,
Шумо, ай мӯҳтарам устод, донову дилогоҳед,
Шумо пайванд бинмудед чанде навниҳолонро,
Шумо пайвандсози нахли дилҳоед.

## ДАР ҶАШНВОРАИ ҲАҚНАЗАР ҒОИБ

Бод табрику муборак тӯю даврони Шумо,
Ҷони ёру дӯстон имрӯз дар ҷони Шумо.

Хизмати арзандае бо нӯги хома кардаед,
Сарвару ҳам халқ донад кори шоёни Шумо.

Чеҳраи бикшодаю майли табассум дидааст,
Ҳар кӣ як боре нишаста дар сари хони Шумо.

Некбахт он ки бихӯрду дод ганҷи ранҷи хеш,
Дидаю донем Ҳотамвор эҳсони Шумо.

Сарбаландӣ ёфтед аз хоксориҳои хеш,
Мисли ин Кӯҳи Фурӯши мулки Хатлони Шумо.

Кофури мӯи шуморо бас табаррук дидаем,
Худ гувоҳӣ медиҳад аз бахти хандони Шумо.

Хоҳари мо боную ҳам модари хушбахт бод,
Ман сабақ омӯхта аз аҳду паймони Шумо.

Тарбият бинамуда фарзандони солеҳ, офарин,
Нӯши ҷон бодо шуморо луқмаи нони Шумо.

Шукри ҳақ доред ҳар ду бо тавозӯи зиёд,
Ҷумла медонем сирри шӯҳрату нони Шумо.

Чун насими субҳгоҳӣ мужда орад шеъри мо,
Доимо дар ханда он гулҳои армони Шумо.

## ГУЛ ЗИ ДЕВОНИ БУЗУРГОН ЧИДАӢ

*Ба Шоҳвалӣ Саидҷаъфар*

Фозилу марди сухандон донамат,
Ҷонфидои илму ирфон донамат.

Панду ҳикматро зи халқ омӯхтӣ,
Махзани сад лутфу эҳсон донамат.

Гул зи девони бузургон чидаӣ,
Содиқи роҳи бузургон донамат.

Хушгапу хушкору, хушрафтор ту,
Ҳамрадифи нуктадонон донамат.

Дарс мегӯӣ зи дунёи адаб,
Раҳнамои навҷавонон донамат.

Толиби Омулӣ аз нав зинда шуд,
Эй ки аз шабзиндадорон донамат.

З-он ки дорӣ азми фатҳи қуллаҳо,
Мӯшикофи шеъру дастон донамат.

Соҳиби идроку эҳсоси баланд,
Устоди устодон донамат.

Қарздор астем баски аз Ватан,
Дар адои қарзи виҷдон донамат.

Борҳо аз имтиҳон бигзаштаӣ,
Бовафо дар аҳду паймон донамат.

Нест тарсат аз касею нокасе,
Як худотарси ба имон донамат.

Чун фидоӣ, марди даргоҳи Ватан,
Аз ҷигарбандони Хатлон донамат.

Гарчи гандумгун намоӣ дар назар,
Лек мисли субҳи хандон донамат.

# ГУЛМАҲТОБ

*(рубоӣ ва дубайтиҳо)*

Аз хандаи гул чаман гулафшон гардад,
Истораи бахти ман дурахшон гардад.
Монандаи абру субҳи баъд аз борон
Мегиряму доғи дил шукуфон гардад.

Аз чашми фалак нуру зиё меборад,
Дар рӯи замин тухми сахо мекорад.
Бо нолаи раъду гиряи боронаш
Монандаи ман дарду аламҳо дорад!

Ин духти фалак басо бувад шӯъбадахӯ,
Аз бесариаш ба мо намеорад рӯ.
Ҳар лаҳза ба сад ранг кунад ҷилвагарӣ,
Парвош ба мо наясту мо ошиқи ӯ.

Дар зулмати шом равшаноӣ дидам,
Олам ҳама чун субҳи сафое дидам.
Бар ҳусну ҷамоли санами ин дунё
Дил додаму лек бевафоӣ дидам.

Шаб дида ҳамон тарозуи додоям,
Парвин буда гӯшвораи момоям.
Дар дидаи банда Каҳкашон бинмояд,
Монанди пайи чигинаи бобоям.

Дар боғи дилам, ки резаборон борад,
Дар мазраи он тухми вафо бор орад.
Мо дар фалаку фалак саропо дар мост,
Ин ваҳдати мо чӣ суди бисёр орад.

Ҳар шаб, ки ба кунҷи хонаи танҳоӣ
Бо хомаву дафтарам кунам дил холӣ.
Дарду ғами ин фалак ба ҷон бардорам,
Чун доғи қалам марост шарҳи ҳоле.

Ишқи ту ба умри ман раҳи испед аст,
Ҷавлонгаҳи орзую сад уммед аст.
Яктову зарандуда чу маҷнунбед аст,
Маҳтоби шабу ба рӯзи ман Хуршед аст.

Бас нури ту акси нури Хуршеди самост,
Нури рухи кадхудои ман нури Худост.
Эй Моҳ, манозу як дам андеша бикун;
«Бингар, ки тафовут аз куҷо то ба куҷост»!

Ҳар ҷисми фалак бувад яке ҳамдами мо,
Вобаста ба ҳам будаст бешу ками мо.
Донӣ, ки ба зери гунбади ҷомакабуд,
Аз ҷурми ситораҳост дарду ғами мо?!

Аз гиряи тифл субҳ дар ханда шавад,
Ҷону дили ман бароящон банда шавад.
Чун абри баҳор гиряи зор кунам,
Гар риштаи умри модаре канда шавад.

Тарсам, ки фалак чӣ шӯру ғавғо дорад,
В-аз ҳар сухане, ки ҳарфи ноҷо дорад.
Аз даҳшати шоми тираам боке нест,
Чун субҳи умед дар дилам ҷо дорад.

Савти фараҳу соз биҷӯям бо ту,
Эй шеър, даме роз бигӯям бо ту.
Лоиқ, ки зи моҳи шеър рух тоза намуд,
Ман доғи дили лола бишӯям бо ту.

Азбаски гирифтори ҳавою ҳавасӣ,
Нодида гирифтаӣ, ба доми қафасӣ.
Як бор ба ҳоли хеш бинмо назаре,
Бадхоҳи касӣ агар, ба мақсад нарасӣ.

Хуршед, ба қадру манзалат болоӣ,
Дар хонаю дар ҷаҳони дилҳо ҷоӣ.
Хоҳони ба ҷон нури нубувват моем,
Эй ишқ, ту офтоби беҳамтоӣ!

Имрӯз ҷавони хушдилу хушрӯям,
Эй моҳ, гули рӯи туро мебӯям.
Дар шомгаҳи умр дами беморӣ
Бегонақатор бингарӣ бар сӯям.

Сармаст будем ҷумла аз ҳиммати ӯ,
Дар рӯи замин фитода аз қисмати ӯ.
Имрӯз диҳем ҷон барои ҷонон,
Фардо бишавем зинда аз раҳмати ӯ.

Хомем, чӣ ҳақ бигуфта як дилогоҳ,
Сад кори савоб карда, сад бор гуноҳ.
Медонӣ зи чист неку бад ҳамраҳи мо?
Аз нури Худоему зи хоки сари роҳ.

Аз неку бади ҷаҳон сабақ мегирам,
Раҳ ҷониби боргоҳи Ҳақ мегирам.
Як дони вафо, ки дӯш корида будам,
Имрӯз самар табақ-табақ мегирам.

Дар маҳбаси ишқ пой дар занҷирам,
Имрӯз ки дӯст гашта домангирам.
Зинҳор, рақиб, аз ту надорам гилае,
Мирам ҳар гаҳ, зи дасти дил мемирам.

Аз қуллаи кӯҳ бингарам бар саҳро,
Дашт аст фароху хурраму рӯҳафзо.
Боғоти пур аз неъмати он мегӯянд:
Аз файз пур аст домани кишвари мо.

Дар зиндагӣ танҳо зи Худо метарсам,
Аз санги фалахмони қазо метарсам.
В-аз макри шаётину даго бокам нест,
Аз мисраи шеъри пурхато метарсам.

Модар, модар! Зи гарди домони туам,
Як сабздарахти боғи армони туам.
Ман ҷони ҷавони худ бикобам бе ту,
Худ ҷони манӣ, зи ҷавҳари ҷони туам.

Луқмони Ҳаким гуфтугӯ мекардаст,
Гӯянд ба лаҳни рустанию гулҳо.
Эй кош, ба шеъри ҳолдонам рӯзе
Меёфтаме калиди дилҳои Шумо.

Занҷири ситам зи пой кандӣ, Восеъ,
Юғи ғами ноҷоя фикандӣ, Восеъ.
Дар пояи ҳайкалат кунун мебинам,
Чун ҳиммати халқи худ баландӣ, Восеъ.

Кӯлоб, ту боғи бехазонро монӣ,
Сарчашмаи бахти гулфишонро монӣ.
Чун чашмаи Шар-Шари Сари Хосорат
Сарбайти суруди ҷовидонро монӣ.

Мо ганҷ ба ҷону дил зи дарде дорем,
Сад ному нишонае зи мардӣ дорем.
Бар рағми ду-се пасту ҷаҳолатбасаре
Мо табъи баланду сарбаландӣ дорем.

Ҳамсанги ту дар замину афлок куҷост?
Ҷуз банда ҷигарпораи садчок куҷост?
Дар сидқу вафо зи баъди Маҷнун моем,
Монанди Қаландар ошиқи пок куҷост?

Ҳар гоҳ хаёли васли ҷонона кунам,
Бо панҷаи фикр мӯи ӯ шона кунам.
Аз барги лабони нозукаш бӯсазанон,
Сад мастии бесоғару паймона кунам.

Дарёдиламу табъи ғазалхон дорам,
Чун субҳи сафо чеҳраи хандон дорам.
Истора бароятон наёрам зи фалак,
Бо шеъри дилам хизмати даврон дорам.

Соҳибназаре чу Ҳақназар шав, эй дил,
Соҳибҳунаре чу Гулназар шав, эй дил.
То ганҷи сухан шавад насибат рӯзе,
Аз худ мараву зи худ бадар шав, эй дил.

Ай куртачакан, набин ту дарду доғе,
Кӯлоб биё, агар зи мулки Роғӣ.
Кӯлоб биё, ки ҳарду обод кунем
Кошонаи дил ба рашки сад гулбоғе.

Ман қуллаи кӯҳ бингарам, ту саҳро,
Дунёст туро, маро́ст шеъри воло.
Эй чашмаи деҳи ман, надорӣ ором,
Майли ту ба поин асту аз ман боло?

Дона чинам зи хирмани ирфонӣ,
Дони гули мазраи басар, медонӣ?
Ҳарчанд ки хонае пур аз дон дорам,
Бо тухмаи шеъри худ кунам деҳқонӣ.

Маҷнунбедо, дили ғамандуди манӣ,
Пероҳани аз ишқ зарандуди манӣ.
Дар боғи ҷаҳон муқаддас астӣ, эй бед,
Аз он, ки ту гаҳворaю тобути манӣ.

Мафтуни само бигашта андар дили шаб,
Гулҳои ситора чида аз қандили шаб.
Гулдаста ба мӯю кокулони ту задам,
Ай моҳи шабам, магар найӣ худ гули шаб?

Дар боғи ҷаҳон чи сон гулафшон гули субҳ,
Чун лолаи оҳи дил шукуфон гули субҳ.
Монандаи гулҳои руху чашми ту, ёр,
Дар боғи дилам ҳамеша хандон гули субҳ.

Ҳамсӯҳбати орифони олам гаштем
аз рӯи китоб,
Аз ҳиммати дил пайрави Ҳотам гаштем
аз рӯи савоб,
Бо аҳли дили замона ҳамдам гаштем
чун ҷому шароб,
Арзанда ба номи неки Одам гаштем,
моро дарёб!

Ёре дорам, ки чевари моҳир аст,
Чун шабнами садбарги саҳар тоҳир аст.
Бо риштаи зарҳалӣ чакан медӯзад,
Рангин гули ӯ чу мисраи шоир аст!

Ай куртачакан, ки мӯи сунбул дорӣ,
Дар пеши барат ту дастаи гул дорӣ.
Ман ошиқи гулдӯзии гулҳои туам,
Афсонаи гул барои булбул дорӣ.

Исторагулеву моҳтоби Кӯлоб,
Ширин ба мисоли нону оби Кӯлоб.
Ай куртачакан, ба субҳи дил бинмоӣ,
Бо косаи гул чу офтоби Кӯлоб.

Эй духтари Кӯлоб, чӣ афсун дорӣ,
Дандонсадафо ту дуррӣ ё марворӣ?
Чун субҳи умеди кӯҳсорони Ватан
Бар домани ҳусни хеш гул меборӣ.

Соҳибқалами маҳфили Шоҳин ҳастам,
Огоҳ зи дарди дили Шоҳин ҳастам.
Соҳибдилу худшиносу худогоҳам,
Ободгари манзили Шоҳин ҳастам.

Дурӣ зи ману вале дар оғӯши манӣ,
Чун панди падар ҳамеша дар гӯши манӣ.
Торикшаб асту дар дилам ёди рухат,
Чун нур ту дар ин шаби хомӯши манӣ.

Бо номи ту дилҳои ғамин шод кунам,
Мурғи ба қафас фитода озод кунам.
Омӯхтаӣ ба дил тариқи ёрӣ,
Як олами нав ба номат обод кунам.

Дӣ кор ба васвосаи шайтон кардем,
Ҳам хонаи обод чи эҳзон кардам.
З-он рӯй, ки мо зи аҳли имон ҳастем,
Аз кардаи худ басе пушаймон ҳастем.

Хуршеди руху зиё намонад пинҳон,
Ишқи дили бовафо намонад пинҳон.
Гар пӯшонанд мушкро дар сад ҷилд,
Бӯи хуши он зи мо намонад пинҳон.

Як ғунча зи боғи навбаҳори Ватанам,
Як шохаи сабзи шохсори Ватанам.
Баргу бари ман ба як замон хушк шавад,
Он рӯз, ки дур аз канори Ватанам.

Эй қуллаи сарбаланд, мӯи ту сафед,
Аз ростии авҷи ту ҷонам ба умед.
Донӣ, ки зи каҷравии гардун Рустам
Сӯҳроби азизи хешро сина дарид.

Гар паст наӣ, биё баландиро бин,
Дар пояи кӯҳ сарбаландиро бин.
То ин ки ба қуллааш барой осон,
Хуршеди баланди арҷмандиро бин.

Кӣ марди сахопеша буду беозор,
Аз давлати дил бидид ганҷи бисёр?
Ин субҳ ба хоб ҳотиф огоҳам кард,
Оне ки ба ҷон кашид ранҷи бисёр.

Аз боғи ту як ниҳоли сарсабз манам,
Рӯида ба кӯҳу роғу дашту чаманам.
Дар мазраи дил шукуфта сад ғунчаи шеър,
Гулпӯш ба сони навбаҳори Ватанам.

Ғамдору зи лутфи ту чи шодам имрӯз,
Бо гуфтаи ту қадам ниҳодам имрӯз.
Омӯхта илму адабам, эй устод,
Дар ҷодаи шеър устодам имрӯз.

Ҳар кас, ки ба нафси хеш сарвар гардад,
Ҳамдам чу ба одамию ёвар гардад,
Оне, ки дуогӯи Қаландар гардад,
Гар хок ба каф бигирад, он зар гардад.

Ҳилми ту замоне илмомӯзам кард,
Ҳусни ту ба мисли ной пурсӯзам кард.
Меҳри ту ба корзор пирӯзам кард,
Шукронаи ишқи ту, худафрӯзам кард.

Дар рӯи Замин фитодаи зиндонам,
Чун чархи фалак мудом саргардонам.
Ман пок зи ҷурму ботаҳорат будам,
Ай бор Худо, ба асл баргардонам.

Як одами поку одамизода манам,
Дилогаҳу дилшиносу дилдода манам.
Сарманшаи ман, ки ҳаст з-обу гили ишқ,
Дилбохтаи асили ин ҷода манам.

Дил, дил, дилу дил, дило, дилу дил гаштам,
Бо мавҷаи дарёи ту соҳил гаштам.
Аз қудрату аз тавони ту дар раҳи умр
Чун шӯълаи барқ шамъи маҳфил гаштам.

По дар раҳи ишқ мондаам оҳиста,
Бо ханда кушо лабони ҳамчун писта.
Ман ҳарфи туро ба ҷои ҷон мемонам
Санҷидаю баркашидаву дониста.

Мардию ба худ пеша бикун мардиро,
Ҳаргиз написанд кори номардиро.
Ғам хӯрдани беҳуда надорад суде,
Бардор ба дил бори ғаму дардеро.

Дар соҳили рӯд то туро ёд кунам,
Сад хирмани хотирот барбод кунам.
Аз ҷӯшиши мавҷи об дарёфтаам;
Бо дони вафо замине обод кунам.

Умрест ба роҳам интизорӣ дорӣ,
Чун модари меҳрубонию ғамхорӣ.
Эй деҳи азиз, зодгоҳам, Ватанам,
Ман бо тую ту дар дили ман ҷо дорӣ.

Ай ёри азиз, азизи ҷон ҳастӣ,
Ҳам ҷони азизу ҷони ҷон ҳастӣ.
Дар олами ишқу орзуҳои дилам,
Як ними ҷаҳон, балки ҷаҳон ҳастӣ.

Одам, ки сафои ҷумла ашё бошад,
Ҷону дилу чашму ақли дунё бошад.
Ҳарчанд муаммои фалак бикшояд,
Худ лек ба дида сад муаммо бошад.

Уммед, ки оташи ниҳонист маро,
Хуршеди ҷаҳони ҷовидонист маро.
Аз қатра умеди мавҷу тӯфон дорам,
Уммед тамоми зиндагонист маро.

Сарчашмаи зиндагонӣ – Модар, Модар,
Сармояи комронӣ – Модар, Модар.
Рӯзе, ки кунад аҷал маро аз ту ҷудо,
Бар колбадам рӯҳи равонӣ, Модар.

Ҳар қатра миёни баҳр ҷӯше дорад,
Бо лашкари мавҷҳо хурӯше дорад.
Дил оби ҷасорати ниҳонии маро
Пинҳонию ошкор нӯше дорад.

Чашмат ба китобу ёр, илм омӯзӣ,
Ҳам дарси вафою илм меомӯзӣ.
Донам ба ҳазор нияти нек, даме
Дорӣ ту матои ишқро гулдӯзӣ.

Оне зи пайи фикру хаёли дунё,
В-они дигаре бандаи моли дунё.
Хуршедсифат, ки нурборӣ, эй дил,
Уммед зи ту – рушду камоли дунё.

Медонӣ магар, куҷост сарманзили мо,
Обод зи чист ин замон маҳфили мо?
Асрори ниҳони худ ба ту мегӯям,
Аз ишқи Ватан сиришта обу гили мо.

Мо панҷ бародарони даргоҳи падар,
Аз ҳиммату сидқ ин замон баста камар.
Бар дӯш гирифта тӯша аз ишқи Ватан,
Бар кишвари дил намуда имрӯз сафар.

Ҳар рӯз паёму ҳиммати Хуршед аст,
Ҳар шом ба рағму зиллати Хуршед аст.
Чун лола шафақ нигар намози шом аст,
Рӯсурхии он зи заҳмати Хуршед аст.

Кӯлобияму ганҷи Бадахшон дорам,
Тиллои сафеду сурху Хатлон дорам.
Хуҷанду Зарафшони зарафшон дорам,
Мефахрам аз он, ки Тоҷикистон дорам.

Аз дарду ғами замона бисёр мапурс,
Аз ин дили ғампарвари бедор мапурс.
Осудадило, набинӣ дарду ғами мо,
Аз синаи реш-реш зинҳор мапурс.

Дарду ғами мо зи шамъу парвона бипурс,
Аз мурғаки бепаноҳу белона бипурс.
Аз ҳар дару дарвозаи вайрона бипурс,
Аз мардуми овораи бехона бипурс.

Зинҳор ба ҳоли булбуле ханда макун,
Бар нолаи зори бедиле ханда макун.
То битвонӣ, фитодаро даст бигир,
Бар одами пой дар гиле ханда макун!

Дар гирди чароғи кас ту парвона машав,
Дар маҳфили нокасон чу паймона машав.
Бар ёр чу шабчароғ тобӣ, хуш бош,
Аммо гули шабчароғи бегона машав.

Мо некзамиру хонаобод астем,
Фарзанди замину аҳли эҷод астем.
Ҳастем мудом сарфарози олам,
Мо нексиришту некбунёд астем.

Ёрон, ёрон, маро чу ҷону ҷигаред,
Дар шохи дарахти зиндагиям самаред.
Хоҳед, ки як умр маро ёд кунед,
Бо дидаи қалб бар Қаландар нигаред.

Бедор гаҳе ба хоб рӯят бинам,
Дар софии мавҷи об рӯят бинам.
Дар ҳолаи моҳтоб рӯят бинам,
Дар хандаи офтоб рӯят бинам.

Розе дорад лаби хамӯши модар,
Пайвастаи неш ҷумла нӯши модар.
Шодию ғами ҷаҳон чунон дар дили ӯст,
Гӯё, ки ҷаҳон бувад ба дӯши модар.

Савганд ба номи ин Ватан ёд кунем,
Дар банд фитад ҳар он кӣ, озод кунем.
Ҳар ҷо ки ғам аст, мо ба ҷонаш гирем,
То ғамзадагонро ба вафо шод кунем.

Зинҳор ки гапчине ба ҳар ҷо нашавед,
Ҳам бандаи симу молу коло нашавед.
Кайфияти тоату ибодат дигар аст,
Дар доми фиреби чаламулло нашавед.

Хоҳам, ки ба баҳри орзу шаст шавам,
Моҳии тило гирифта, сармаст шавам.
Чун банди ҳаёт пургиреҳ афтодаст,
Хоҳам, ки пайи кушоданаш даст шавам.

Хоҳам, ки ба дастаҳо садое бошам,
Дар тори уммедҳо навое бошам.
Олам, ки ҷаҳони шодию ғам бошад,
Эй кош, ба дарди дил давое бошам.

Хоҳам, ки чу дил моили дидор шавам,
Аз дарди дили ҷаҳон хабардор шавам.
Бо меҳри Ватан, ки тори ҷон пайвастам,
Дар сарҳади он ду чашми бедор шавам.

Ғамдор туӣ, биё, ки ғамхор манам,
Гар марҳами дардҳоӣ, бемор манам.
Дасту дили ту талаб кунам аз тақдир,
Даврони ман асту ошиқи зор манам.

Фархор чӣ хуш ному нишоне дорӣ,
Бо қалъаи Золу бо бути Фархорӣ.
Таърихи Ватан бихонам аз дафтари ту,
Дар дидаи банда дашти Кокулворе.

Аз ман фараҳи чашмаи Робот бипурс,
Сарсабзии мулки Шӯробод бипурс.
Аз дашти фарох агар наёбӣ созе,
Сарнағмаи дашти Терай аз бод бипурс.

Эй гӯшаи дилкушову сарсабзи Ватан,
Бишкуфтаӣ чун баҳори гулбоғу чаман.
Чилдухтаракони номдорат бошад
Дар рӯи ҷаҳон чу як зиёратгаҳи ман.

Дар боғи дилам мудом гул мерӯяд,
Дил ҳарф даме ба васфи булбул гӯяд.
Бо хандаи гул, ба нолаи зори ҳазор
Кӣ доғи дили лолаи ҳумро шӯяд?

Ин мулк, ки ҷони ҷон бувад кӯҳсораш,
Ганҷинаи ҷовидон бувад кӯҳсораш.
Аз ман ту чӣ мепурсӣ, магар пайдо нест,
Тоҷи сари тоҷикон бувад кӯҳсораш.

Аз меҳри дилам сар бикашад кӯҳсоре,
Аз синаи ту чашмаи меҳре ҷорӣ.
Чун Кӯҳи Фурӯш сарбаландастӣ аз он-к,
Кӯлоб, ту марди сарбадоре дорӣ.

Эй кош, маро чашм нишоне гирад,
Ақлу ҳуши ман ба худ нишонӣ гирад.
То ин ки зи ҷӯи нур дар дидаи ман
Як баҳри зиёбахш маконе гирад.

Побанд ба ёди мост ҳуши модар,
Хоҳони садои мост гӯши модар.
Ҳарчанд гунаҳ кунем, аммо нашавем
Як бори зиёдатӣ ба дӯши модар.

Шодию валек ғамгусори дилҳо,
То чанд барӣ ба дӯш бори дилҳо.
Аҳсан ба ту гуфтаанду гӯям, эй дил,
Мумтоз ба пайвастани тори дилҳо.

Эй ҳамсафару дилбараки деринам,
Аз боғи ҷамоли ту гуле мечинам.
Хуршеди манӣ дар осмони бахтам,
Вартоҷсифат фақат туро мебинам.

Фарзанди азиз, аё ҷигарбанди падар,
Омӯз барои зиндагӣ илму ҳунар.
То ин, ки ба қалбу дидаҳо ҷо бошӣ,
Омода бишав ба хизмати аҳли башар.

Пурнур руху ду чашматон дар ханда,
Худ қӯшагулед бар ҷаҳон арзанда.
Гул дар табақу ситора моҳи хоса,
Ҳастед ба ҳам даме чӣ хуш зебанда.

Аз ҳарфу ҳиҷои ту забон омӯзам,
Аз мисраи панди ту ҷаҳон омӯзам.
Аз Шоҳкитоби ту, аё Донишгоҳ,
Аз Фарш ба Арш ину он омӯзам.

Баландии фалак минбар надорад,
Чу шоҳон тоҷи зар бар сар надорад.
Ба даргоҳи васеаш нек бингар;
«Фалак парвои пайғамбар надорад».

Фалакро гунбади гардон бидонам,
Ба рағму зиллати инсон бидонам.
Ба рӯзу моҳу солаш аҳд баста,
Варо беаҳду бепаймон бидонам.

Хаёлам пардаи сад роз дорад,
Ба мулки ишқ то парвоз дорад.
Расам бо ранҷи ҷон бар кӯи ҷонон,
Дили ошиқ ба ошиқ ноз дорад.

Қалам иншогари рози ниҳон аст,
Чу пӯле байни қалби одамон аст.
Зи худ болотареро дид бояд,
Қалам вассофи аршу осмон аст.

Фалакро не макону не замон аст,
Фалак дар ҷону қалби одамон аст.
Фалак чун модари ғамхор бошад,
Фалак гавҳорачунбони ҷаҳон аст.

Фалак бо ман ба рамзе ошно ҳаст,
Ба дарди ҷони ман доруршифо ҳаст.
Ғами ӯ мӯҳтавои шеъри ман шуд,
Фалак аз баҳри ман доди Худо ҳаст!

Гузашти умрро андеша кардам,
Чу сайри кӯҳҳову беша кардам.
Ба паҳнои ҷаҳон раҳ тай намудам,
Таҳаммулпешагиро пеша кардам.

# ҚЎШАГУЛҲО
*(байтҳо)*

Бин шӯълаҳои мавҷаи чашмони обиаш,
Ман шаҳднӯш аз ду лабони гулобиаш!

Бингар ба ҷудоиҳо, ки тифли навзод
Гирён шавад, ар зи батни Модар афтад.

Дар коми шаби сияҳ фурӯ шуд Хуршед,
То субҳ раҳат ба хайр! Дунё ба умед!

Гуфтам, ки: зи чӣ ту нола дорӣ булбул?
Гуфто: ба умеди дидани хандаи гул.

Танҳояму шаб ду чашми чорам дар роҳ,
Аз омадани ту субҳ кардам огоҳ.

Ишқ омад, кори сад Хуршед кард,
Олами вайронаро тармид кард.

Хуни нофам рехт дар хоки Ватан,
Меҳри покаш мебарам андар кафан.

Дили ошуфтаам бар ман ҳамегуфт:
Лабонам аз гули обила бишкуфт!

Ба роҳат манозу зи меҳнат манол,
Ки ин ҳардуро зуд бошад завол.

Ман шоири ғампарвару бо дард қарин,
Як марди дилогаҳеву бо мард қарин.

Ҳарчанд савори зарҳалин зин бошем,
Чун об мудом рӯ ба поин бошем.

Роғун ин фахри диёру миллат аст,
Шаҳсутуни устувори давлат аст.

НОБ-и Роғун – саҳнаи ҷаҳду ҷадал,
Кохи нангу номусу қавлу амал.

Чун падар фарзандро созад ҷудо,
Ӯ бидонад кори худрову Худо.

Иди Наврӯз Рӯзи нав эҳдо намуд,
Халқи моро шӯҳраи дунё намуд.

Наврӯзи ту, ҳамватан, муборак бошад,
Ин рӯз ба ҷону тан муборак бошад.

Шоир чу ба халқ ҳамдами ҷонӣ шуд,
Шукрона, ки даври Ҳақназархонӣ шуд!

Дӣ ба ҷӯши мавҷҳо кардам зи дарё пурсупус,
Ин ҳунар, гуфт, аз фурӯғи худшиносиҳо шинос.

Мижжа зад шаб, як ситора канда шуд дар осмон,
Ашки тиллоии гардун рехт бар фарқи ҷаҳон.

Бандаи Худо ҳастам, баҳри нафси худ омир,
Чархаму зи даври ман меҳри нав шуд оламгир.

Гуфт: – чун омӯхтӣ дар зиндагӣ илму адаб?
– Ҳар чи дидам ё шунидам, кардаам аслу насаб.

Лаззати ин зиндагониро нафаҳмад ҳеҷ гоҳ,
Он ки тақдираш бикарда аз зану дандон ҷудо.

Чашми бодомии ту бишкуфтаю пайғом дод,
Эй дили ошиқшуда, аз дасти ту сад дод, дод!

Ашки дил дар ҷони мо дарёи дарду ғам будаст,
Бори ин дунё ба дӯши дардманд Одам будаст.

# ДОСТОНҲО

# ИЛМУ ОДАМ

## 1. Бунёди илм

Илми олам пеш аз одам будааст,
Одамӣ як ҷузъи олам будааст.
Қувваи ҷозибаи олам нигар,
Он бувад мӯъҷиза чун одам, нигар.
Илму олам – худ атои кирдигор,
Аз сифоти ҳазрати Парвардигор.
Илму рози ҷисмҳои коинот,
Илму асрори ҳаёту ҳам мамот.
Бо табиат баски тавъам омада
Гоҳ шоду гоҳ бо ғам омада.
Аз ҳамон давру замонҳову қурун,
Ошкорою ниҳонӣ бесухун.
Родмарде кошифи дунё бишуд,
Нотавонбин душмани эҳё бишуд.
Киштиеро сохта Нӯҳи Набӣ,
Аз ҳалокат дошт эмин одамӣ.
Бо нигин олам Сулаймон мегирифт,
Душманонаш монда ҳайрону шигифт.
Дар Авастою тариқи Зардуҳишт,
Неккориҳо қалам бо зар навишт.
Ҳар абармарде, ки буд оринажод,
Тоҷи илму адлро бар сар ниҳод.
Аҳди Сосон – гоҳи ҷонкоҳии мо,
Оли Сомон – даври тиллоии мо!
Илму дониш дошта Нӯшервон,
Номи ӯ машҳур Одил дар ҷаҳон.
Рӯдакӣ бо сеҳру эъҷози сухан
Навҷавонӣ дод дунёи куҳан.

Шоҳнома дафтари аъмоли мост,
Сарнавишти талху шарҳи ҳоли мост.
Илми Сино, Саъдии воломақом,
Аз ҳақиқат, аз тариқат шуд паём.
Мавлавию Носири Хусрав, Камол,
Сайидо, Савдо, Ҳусайни хушкалом.
Ҳофизу Ҷомию Бедил дар фалак,
Шеър аз бар карда з-онҳо ҳар малак.
Он Ҳилолӣ, Шоҳини волоназар,
Соибу Алломаи соҳибҳунар.
Илму ҳикматро чунон бингоштанд,
Чун алам бар ин ҷаҳон афрошканд.
Илми Берунӣ зи гардун зода буд,
Раҳ ба фаршу арши дил бикшода буд.
Иддае дар роҳи фаҳмиш хору зор,
Чун ҳакими Шайх Аттори баор.

## 2. Ҷаҳолат

Як замоне ҷаҳлу кин боло гирифт,
Дар дили як зумра шайтон ҷо гирифт.
Нотавонбине хаёли хом кард,
«Ақли ҷузвӣ ақлро бадном кард».
Аҳриман чун дасту побишикаста буд,
Боз бо Заҳҳок паймон баста буд.
Хост халқ аз асли худ ғофил шавад,
Рустаму Сӯҳроби ӯ ботил шавад.
Саддаи бист инчунин нанговар аст,
Ҳақ бидонад, ки ба он худ довар аст.
Тоҷики ман рехт хуни якдигар,
Модари бечора шуд хуниҷигар.
Модари тоҷик оҳу нола кард,
Дидаро аз гиря мисли лола кард.

Карда додар бо бародар душманӣ,
Буд ҳар ҷо шеваи Аҳриманӣ.
Бо ғаму дарди писар дилхун падар,
Хоки олам мезадо ҳар дам ба сар!
Духтаре аз хоҳари худ дар ҳарос,
Модаре ин ҳарду дорад пурсупос.
Шуд фирорӣ халқ ночор аз Ватан,
Бо дили хуншор захми ҷону тан.
Хонаҳову деҳаҳо вайрона шуд,
Мурғи дил аз одамон белона шуд.
Дуду оташ ҳар гаҳе боло гирифт,
Аждаҳосон пеши чашмон ҷо гирифт.
Аҳриман болои деворе чу бум,
То наояд пас касе ин марзу бум.
Гарчи Ому шуста дасту рӯяшон,
Силла бинамудӣ сару ҳам мӯяшон.
Бе суоле карда сад кори савоб,
Доғи дилро кай тавон шустан ба об?
Чун шунид аз одамон розу ниёз,
Нола дорад, нолаҳои ҷонгудоз.
Халқи хору зор монда дар Ватан,
Кард бар тан пора-пора пераҳан.
Дар ғами додар бародар мегирист,
Аз ғами фарзанд модар мегирист.
Аз падар шуд тифлаки навзо ҷудо,
Ай Худо, аз чист ин рӯзи сиёҳ?!
Модаре мекард чун фарёду оҳ,
Деви шуми ҷанг мезад қоҳ-қоҳ!..
Дар ду соҳил зору нолон халқ буд,
Ташна дар соҳил забону халқ буд.
Бегунаҳ халқи азизам дам ба дам
Ғарқ мегардид дар гирдоби ғам.
Дар назар метофт аз дил мегузашт,
Ин балоро чораю тадбир нест...

## 3. Хуршеди сулҳу ваҳдат

Раъд ғуррон ҷӯяҳо бар чин бизад,
Аспи гардун барқ бо қамчин бизад.
Ларза мекардо Замин дар як замон,
Чашми мардум шуд ба сӯи осмон.
Нола дорад абр ин дам зор-зор,
Оби раҳмат рехта Парвардигор.
Абру раъду барқ аз андӯҳу дард
Ҳар яке холӣ ба инсон дил бикард.
Боди серун чун вазид аз кӯҳсор,
Парда афканд он зи шеди рӯзгор.
Ҳамчу Хуршед аз паси абри сиёҳ
Ҷилвагар шуд Сарвару ворисй мо.
Бар алайҳи душманон, аҳли ҳасуд,
Ӯ таманно кард: бишносед худ!
Нақди тиллоии халқи хештан,
Номбардорони ин Модар-Ватан.
Қаҳрамон Мирзои Турсунзодамон,
Шеъри ӯ чун мужда аз Сулҳи ҷаҳон.
Олимони номдору номвар,
Чун Муҳаммад Осимӣ, Султон Умар.
Илми оламро зи нав такрор кард,
Одамонро ҷамъу бо ҳам ёр кард.
Рағми он тиру камон, тӯпу туфанг,
Чун сипар бигзошта номусу нанг.
Нек дар оинаи таърих дид:
Тоҷиконро дода фазле Боязид.
Такя бар халқи бафарҳангаш намуд,
Бар хирад, бар ҳикмату пандаш намуд.
Зери Парчам бо Нишони ин Ватан,
Ҳар яке дарёфт айби хештан.

Чун Суруди миллӣ аз бар карда шуд,
Аҳриман шармандаю бепарда шуд.
Аз қудуми Пешвои ҷоннисор,
Ҷанг шуд мағлубу Ваҳдат пойдор.
Ҳамчу Ориф аз мавoди илму фан,
Тоҷи зарринаш ба сар – тоҷи сухан.
Аввалин унвони фахрӣ – Қаҳрамон,
Дод барҳақ бар бузургони замон.[1]
Халқ бо сад ифтихору ормон
Хонд ин фарзанди ҷонаш – Қаҳрамон.
Кинаро аз қалбҳо ӯ дур кард,
Тоҷиконро дар ҷаҳон машҳур кард.
Бо ҳидоятҳои одил шоҳи мо
Боз равшан шуд марому роҳи мо...
Илму дониш шаҳсутуни давлат аст,
Чун сухан он ифтихори миллат аст.
Ҳар ки дар илму сухан шуд ҷонфидо,
Бо фазилат ёфт умри бобақо.

---

[1]. Қаҳрамонони Точикистон устодон Садриддин Айнӣ, Бобоҷон Ғафуров, Мирзо Турсунзода, Нусратулло Махсум, Ширшоҳ Шоҳтемур.

# АСКАРИ ҚАТОРӢ

## Мефурӯзад саҳаргаҳе хуршед

Бо навои таронаи дарё
Ман зи овони тифлӣ гаштам ҷӯр.
Ҳамчу оҳанг то садоямро
Паҳн созам ба дуриҳои дур.

Дар шабе, ки бигашт парафшон
Моҳи монандаи алам бар кӯҳ.
Парфишонии мавҷи нури он
Дар назар менамуд пур зи шукӯҳ.

Дар шабе, ки фалак зи ахтарҳо
Буд монанди чатр гулдӯзӣ.
Хешро сӯхтан биомӯзам,
Равшаноинию худафрӯзӣ.

Шаб нишастам, ки рӯз меояд,
То бидорам зи домани уммед.
Дорам имон, ки дар ҳаёти ман
Меафрӯзад саҳаргаҳе Хуршед.

## Рӯз шуд

Рӯз шуд, даври Офтоб омад,
Рӯзи неку саид, рӯзи дароз.
Боз дар пеши дидагони ман
Боз шуд роҳҳои шебу фароз.

Дар дилам ишқи меҳнати озод,
Ман равонам ба кор, дар дастам
Ҳаст девони Ҳофизу Ҷомӣ,
Аз шароби каломашон мастам.

Навниҳолони ду канори раҳ
Сӯи ман гӯиё «салом», – оранд.
Аз насими фараҳфизои саҳар
Эҳтиромона хушпаём оранд.

Саҳни Донишгаҳ – навбаҳори ишқ,
Фасли пурсӯз ҳаст, бо дарде.
Ин дил омӯхт аз китоби ӯ
Қиссаи одамӣ, ҷавонмардӣ.

Мисли Модар маро дар оғӯшаш
Парварид баски чор соли тамом.
То ки хонам, нависаму донам
Фарқи гулханди субҳро аз шом.

Номае баъди кор бигрифтам,
Ё ки бо амри ин дилу ҷонам.
Ҳар хати нома бар забон омад:
– Нек фарзанди халқу давронам.

Навҷавониву родмард астӣ,
Даври ту омаду бикун ҳиммат.
Ҳамчу сарбози сулҳ баъд аз ин
Бар Ватан-Модарат намо хизмат.

## Пеш аз сафар

...Хона – маҳфили ҳамдилон имшаб,
Меҳмонҳо зи шаҳру аз деҳот.
Дӯстон дар барам чу дил гаштанд,
Ҳар яке буд як китоби ҳаёт.

Он яке гуфт: – Ҳаст дар ёдам,
Рӯзи ҷанг аст, рӯзи нанг акнун,
Душмани оламу башар – Гитлер,
Дошт сад ҳиллаю дусад афсун.

Ҳамла дорад сӯи мо чил танк,
Ҳамяроқон шаҳид гардида,
Бехтам хоки душманон охир,
Як қадам бар қафо нагардида.

Дигаре гуфт: – Дар ситод як рӯз,
Назди байроқ посбон ҳастам.
Сӯям омад ягон дусад фошист,
Рӯи сина камоне дар дастам.

– Байрақи қисм! Посбон ҳастӣ!
Як назар дӯхта ба оянда!
Ваҳм аз боди марг кардан чист?
Шав чу кӯҳи диёр поянда!

Тоқату сабр кори осон нест,
Лек чун хун дар дили ман буд.
Гарчи аз пои чап шудам маҳрум,
Фавҷи шуми адӯ ҳам якҷо мурд!

Саввумӣ гуфт саргузашти дигар,
Ҳар яке гашт шамъ бар хона.
Гирдашон бо ҳазору як уммед
Гирд гаштам мисоли парвона...

Субҳи содиқ ки бардамид, инак
Лаҳзаи хайрбод наздик аст.
Роҳи аз назди модарам рафтан
Равшан аз меҳри қалби тоҷик аст.

**Хайрбод**

Хайр, эй Модар, эй умеди кул,
Бори дигар ту як дуоям деҳ.
Аскарӣ меравам ба амри Ватан,
Як дуои пур аз сафоям деҳ.

– Нури чашмону қуввати ҷонам,
Бар тани модарат чу дил астӣ.
То занад набзи зиндагӣ доим,
Маҳз ту, маҳз ту кафил астӣ.

Қарзи фарзандиат адо бинмо,
Тифли дирӯзаам, ки ҳастӣ мард.
Меваи нахли орзуи ман,
Тандурусту баобрӯ баргард!..

Ин бигуфту зи дидагони ӯ
Ашкҳое бирехт чун марҷон.
Дод бо дастакони ларзонаш
Тӯшаи марди роҳ – кулчаю нон!

## Сулҳу осоиш орзу дорам

Эй замин – Модари азизи мо,
Ин замон бо ту гуфтугӯ дорам.
Чашми бад кӯр бод, баҳри ту
Сулҳу осоиш орзу дорам.

Хоҳари шӯху дустрӯи худ
Ҳар гаҳе, ки ба китф бардорам.
Шукри ӯ кардаю бо кулли башар
Сулҳу осоиш орзу дорам.

Тифлаки шӯх бозӣ кун, бозӣ,
Хандаи туст ин қадар форам.
Аскарӣ меравам, барои ту
Сулҳу осоиш орзу дорам.

Моҳрӯям, рабуда ҷону дил,
Ҳуснафзои боғу гулзорам.
То ки н-афтад ба по-т хори ҷанг,
Сулҳу осоиш орзу дорам.

Баҳрат, эй Модарам-Ватан имрӯз,
Ҷону дил гар зарур, биспорам.
Хоби тифлона кун, ки аз айём
Сулҳу осоиш орзу дорам.

## Дар сафар

Соли нуздаҳ шастушаш, ёрон,
Соли бофайзу соли хотирмон...

Бисту чоруми моҳи декабр аст,
Барф борида, ин саҳар кишвар
Боз зебою боз дилбар шуд
Назди чашмони навсафар аскар.

Гуфт афсар, ки ҷӯи камобед,
Ҳамчу дарё шавед басе сероб.
Дод раҳномаю дуомон дод,
Бо таёра паридем аз Кӯлоб.

Кӯҳу талро, ки чашм медӯзам,
Кӯҳ не, гӯӣ чини пешонӣ.
Пири ҳастӣ агар Замин бошад,
Гоҳ аёну гоҳ пинҳонӣ.

Дар Душанбе ба дӯстони нав
Сар бишуд лаҳзаи шиносоӣ.
Аз ҳамон рӯз дар дилам чун шед
Меҳри ҳар кӣ гирифт як ҷое.

Аз паси кӯҳ шуд Офтоб андар,
Гашт қаторамон низ равон.
Тай бигашта даштҳои васеъ,
Корвон дар сафар буд давон...

Роҳи оҳан чӣ хуб як роҳест,
Шоҳроҳи азим пеш ояд.
Баъди ҳар гардише ба чашми кас
Роҳи нав гӯиё ки бикшояд.

Аз Душанбест роҳ то Тирмиз,
Рӯз рафтем, шуд ҳаво торик.
Хонаи дӯстон бипайвандад,
Хонаи қалби тоҷику ӯзбек.

...Ду шабу рӯз раҳ мерафтем,
То ба саҳрои беканори қазоқ.
Тори ҳофизи мо садо мекард,
Дашти Ҷамбул аз он бурда мазоқ!

Хоб рафтанд қисме аз ёрон,
Буд қатора мисоли гаҳвора.
Мерасад сози хушнаво бар гӯш,
Роҳатафзо чун суруди «Алла».

Аз тиреза ба дашт менигарем,
Сабзпӯш роҳе мешавад пайдо.
То ки назди истгоҳ шудем,
Пешвоз омадӣ яке ногоҳ.

Роҳ не, баҳри сабз будаст он,
Ҷангали русо, зеб бар олам.
Сарбаланду бузургу бофайзе,
Ҳамчу кӯҳи азими деҳи ман!

Ҷангали русо, аз қадимайём,
Номдоре туиву бемонанд.
Гашта обод аз ту дар водӣ
Хонаҳои базеби пасту баланд.

Дилкушоест сайри ту, дидам
Ҷумла паррандагону оҳувон.
Карда оғӯш мисли дилсӯзе
Ранги бар ранг ҳар ниҳоли ҷавон.

Як замон пешвои мардум буд,
Байни оташфишонии душман.
Ҳамчу ишқ андаруни дилҳо шуд,
Ҳамчу дил буд аз барои Ватан.

Як умеди тамом гардидӣ,
Баҳри оянди гулфишони рус.
Дар паноҳи ту ҳар адолатхоҳ
Ёфт ғамхору мушфиқу дилсӯз.

Рӯз бар шаб бадал ҳамегардид,
Рафт Хуршеду Маҳ намоён шуд.
Баъди як соате ба чашми мо
Осмон низ ахтаристон шуд.

Шаб маро ҳаст ёри дерина,
Ман ба ӯ рози дил ҳамегуфтам.
Дар канораш ба ёди рангине
Дурри ишқу маонӣ месуфтам.

Дошт бо як умед наззора
Моҳ чун посбоне моёнро.
Волга-дарёи сероби рус,
Ҳамчу ёре гирифт истиқбол!..

Истгоҳ. Дод бар мо фармоне:
– Саф кашед, бачаҳо, саф кашед! –
Лейтенанти калоне. Баъд аз ин
Бар баталон равонем – Як! Ду! Се!..

Дар тани мо либоси зебое,
Қисми «Н». Лаҳзаи дигаргуне.
Чун ба китфи хеш мо пагон дорем,
Одами ҳарбӣ, марди майдонем!

## Савганд

Дами субҳи дурахшону
Шамоли нарм мегардад,
Дилам пур аз умеду
Нахли иқболам
Пур аз бор аст,
Нахуфта, рӯз шуд,
Хуршед аз гардун бадар омад.
Бигӯӣ меҳмонам аз сафар омад.
Ҳаёти неки сарбозӣ...
Ҳама дар як қатор астем.
Ба номи халқ саф бастем.
Ҳама дар як либоси сабз,
Паёми навбаҳор астем...
Ливои бахт дар чашмам
Чу номӯси Ватан тобад.
Ба рангаш ранги
Гулҳои чаман тобад.
Ватан-Модар!
Ба ҳаққи хоки зархезат.
Ба ҳаққи хоки гулбезат.
Ба номи он далеронат,
Ба меҳри тифлакони шӯху хушдонат,
Ба меҳри хоки сабзи ту,
Ба меҳри ишқбозони бапаймонат,
Ба ҳифзи субҳи фирӯзат.
Ба номи ҳар тулӯи Офтоби оламафрӯзат,
Ки ман савганд карда ёд.
Ман охир бар ту пайвандам.
Чу як фарзанди дилбандам!

## Бо шеъру бо суруд

Мо аскарони сулҳ,
Мардони ҷонфидо!
Оростем саф,
Монанди турнаҳо.

Дилҳо ба рӯи каф,
Дар субҳи пурсафо.
Бар мешуд аз забон
Ҳар як суруди мо.

Фармонбарори мо
Дархостҳо намуд.
Шайпури қисм ҷӯр,
Бо ҳар қадам ба мо,
Андар забони дуруд.

Дар китф автомат,
Сарнайза дар наём,
Дар дил адои қарз,
Виҷдону нангу ном.

Чун тир бар ҳадаф,
Ҳар як пайи дигар.
Чун мавҷҳои рӯд
Гаштем раҳписар.

Ин қисм то пагоҳ
Бо шеъру бо суруд
Бар пос меравад,
Андар забон дуруд.

Ҳастем ҷоннисор,
Ҳастем ҷонфишон.
Бар ҳифзат, эй Ватан,
Бар меҳрат, эй замон.

Хобед тифлакон,
Хобед модарон.
Андар паноҳи мост
Осуда ин ҷаҳон.

**Ман ба пос истодаам**

Ман ба пос истодаам дар ҳифзи номи зиндагӣ,
Дар забонам ҳаст ҳарфе аз каломи зиндагӣ.
Ҳастиям пайваста бо роҳу мароми зиндагӣ,
Ошиқам, дилдодаам умре ба ҷоми зиндагӣ.

Вақти он омад шумо, эй рӯдҳо, дарё шавед,
Риштаҳои дӯстӣ, пайвастаи дилҳо шавед.
Регҳо, дар дасти пурэъҷози мо тилло шавед.
Чашмҳои хирабин, чун дидаи бино шавед,

Ханда бинмо, ёри хушгуфтор, шайдои туам,
Ҷонфидое, ошиқе бар қадди болои туам,
Ошёни ман туӣ, ман низ маъвои туам.
Ноаён дар дидаю дар қалб пайдои туам,

Тифлакон, бо орзуи мом раҳгардон шавед,
Дар баҳори орзуҳо ғунчаи хандон шавед!
Абрҳо, резед борон рӯи дашти ташналаб,
Саркашон, эй қуллаҳо, то гунбади гардон шавед!

Модари бедорхобам, соате ту хоб кун,
Ғунчаи боғи умеди хешро шодоб кун!
Мутрибо, пурсӯзтар як нағмаи дигар бигир,
Ҳофизо, байте бихону шамъи дил дар бар бигир!

Соқиё, дар базми тӯйи дӯстон соғар бигир,
Ошиқо, аз навниҳоли ормонат бар бигир,
Шоиро, осуда бар каф хомаю дафтар бигир,
Ман ба пос истодаам!

**Посбонам**

Саҳаргоҳон.
Насими форами рус
Ба рӯям бӯса бинмояд,
Ба мисли Модари дилсӯз.
Бихандад меҳр, гармо ҳукмрон аст,
Ба дашту ҳам ба дарёҳо,
Ягона марди майдон аст.
Шукуфта чор сӯ гулҳои рангин,
Чу рӯи дилбарони шӯх,
Барад дилро, диҳад таскин.
Нигаҳ сӯям замину осмон дорад,
Ки ман ҳам мард гардидам,
Ҳама аз ман ҳамеболад!
Ана, ин аввалин шаб ҳаст бар ман,
Бигаштам посбони мулк,
Либоси аскарӣ дар тан,
Гирифтам автоматро рӯи сина,
Намоям ҳифз кишвар,
Зи хасми дуну бадкина.
Шаби торик рафту субҳ омад,
Суруди зиндагӣ шуд паҳн,
Ба олам нур меборад.

Саҳаргоҳон.
Насими форами рус
Зи рӯям бӯсаҳо гирад,
Ба мисли Модари дилсӯз!

**Бо аҳду паймон гаштаем**

Эй кӯҳсор, эй кӯҳсор,
Эй кӯҳсори тоҷикон!
Эй қуллаи фахри Ватан,
Эй зебиши рӯи ҷаҳон.

Ман тифли домони туам,
Маҳбуб чун ҷони туам.
Андар набарди зиндагӣ
Бо аҳду паймони туам.

Аз чашма обам додаӣ,
Нерӯю тобам додаӣ.
Аз тори меҳрат сохта,
Бар каф рубобам додаӣ.

Аз ишқи беҳамтои ту,
Аз меҳри сар то пои ту.
Аз ин мақомат баҳри ман
Андар ҷаҳон яктои ту.

Умре ғазалхон гаштаам,
Бо меҳри ҷонон гаштаам.
Чун қуллаҳоят устувор,
Бо аҳду паймон гаштаам.

## Ба додари сарбозам

Ту подорӣ сари мақсуд,
Роҳи туст ноҳамвор.
Қадам бебоктар мон,
Додари ҷон, дар раҳи армон.
Ба дастат гир автомат,
Ба пос исто,
Уқоби тезчанги мулки кӯҳистон!
Ватан андар паноҳи ту,
Туӣ андар паноҳи Меҳан, эй додар,
Ҷавонмардӣ, ҷаҳондорӣ,
Ҷаҳонатро зи ҷонбозӣ ҷаҳони дигаре овар.
Ту акнун некмардӣ, некномӣ,
Ту сарбозӣ,
Сабақ аз мактаби сарбозӣ омӯзӣ.
Мадон кам расми сарбозӣ,
Ки охир донаи гӯгирд не,–
Тири адӯсӯзӣ!..

## Ҳамчу ту бедорам

Шаби маҳтобу ҷаҳон хомӯш аст,
Навбаҳор асту Замин гулпӯш аст.
Дили ман – чашмаи навсарзадае,
Аз дили нарми Замин дар ҷӯш аст!

Гули истора фитад рӯи Замин,
Дилам аз шавқ кушояд пару бол.
Бинишинам ба сари дафтари шеър,
Ману ин хомаву сад фикру хаёл:

Гоҳ чун қатраи дарё бошам,
Гоҳ аз қатра шавам дарёе.
Гоҳ як резаи хоро бошам,
Гаҳ зи худ пур бикунам дунёе.

Андар ин шаб, ки ба пос истодӣ,
Пайи ҳифзи Ватану ашъорам.
Баҳри тасвири Ватан, додарҷон,
Ҳамчу ту то ба саҳар бедорам!

### Баҳорон аст

Баҳорон аст, даврони гул асту резаборон аст,
Баҳорон аст, дил дар сина ҷӯшон аст.
Зи анфоси баҳорон сабзаю себарга мехезад,
Зи қалби кӯҳсорон чашма меҷӯшад.
Замин бо фавҷи гул дар ҷилва меояд,
Ба рӯям субҳи тиллоӣ,
Ба мисли модари чашминтизорам,
Канори меҳр бикшояд.
Суруди рӯдҳо бар гӯш меояд!
Маро илҳом ҳамчун ёр дар оғӯш меояд!
Насими шӯх бӯи ғунчаҳоро мебарад ҳар сӯ.
Хамида шохи маҷнунбед ин дам чун хами гесӯ,
Ман аз ин ҳусн як дам мешавам ҷодӯ...
Бидон, эй навбаҳорон, марди сарбозам,
Нигаҳбони сари сабзи ҷавониам.
Нигаҳбонам ҳама сарсабзиҳои зиндагонӣ ҳаст,
Нигаҳбони ҳама сарсабзиҳои зиндагониям!

### Гули сарбоз

Баҳор, эй наварӯси рӯи олам,
Ман аз дилдодагони ту,
Ба ишқи хеш меболам!

Саҳоб аз шодмонӣ бо умеде,
Ки ашки дида мерезад,
Заминро шӯр ангезад,

Аз ин сад чашмае дар ҷӯш ояд,
Мисоли товуси ҳиндӣ
Замин гулпӯш мегардад!

Ба рӯят бин, ки дар субҳи тилоӣ
Гули садбарг хандон аст,
Зи ҳар макру ҳиял холӣ.

Суруди рӯд меояд ба гӯшам,
Ба сози зиндагӣ ҷӯр аст,
Рабуда ақлу ҳам ҳушам.

Насими шӯх бар гулҳо
Расонад муждаҳои нав,
Сари дилдодагон боло.

Замини босахо
Рангин шуд имрӯз,
Манам рангинбаёневу
Ба сози оламе  дар сӯз!

Ба ҳифзат, эй баҳори бехазонам,
Ба пос истодаам! Ин дам
Гули сарбозие чинам!..

**Бувад бедор як фарзанди тоҷик**

Ба шабҳое, ки сармою хамӯшист,
Ба шабҳое, ки атроф аст торик.
Ба номи бахти одам, сулҳи олам,
Бувад бедор як фарзанди тоҷик.

Силоҳи ӯст меҳри поки модар,
Силоҳи ӯст меҳри хоки кишвар.
Силоҳи ӯст меҳри ёри зебо,
Силоҳи ӯст меҳри шеди ховар.

Аё, эй лолазору чашмасорон,
Аё, эй боғҳову пахтазорон,
Аё, эй рӯдҳои шӯхи кӯҳӣ,
Нигоҳи ташнаи уммедворон.

Шумо бошед чун дил дар бари ман,
Шумо бошеду бошад кишвари ман.
Ки дар ин шом дорам посбонӣ
Ҷаҳонро аз хатарҳои ниҳонӣ.

## Нома

Ту гуфтӣ: бонии бахту замонӣ,
Ба номат ифтихоре ҳаст манро.
Ману ту ҳамчу тифлон, ҳамчу модар,
Парасторем ин зебо Ватанро.

Ту гуфтӣ: ҳамчу ахтар сӯз то рӯз,
Ба шабҳое, ки дорӣ посбонӣ.
Ки мардуме мабодо по гузорад
Ба хоки сабзоғӯши амонӣ...

Ту гуфтию зи алфози хуши ту
Ба дил ганҷи вафо андӯхтам ман.
Кунам шукрона акнун пухта гаштам,
Ба ишқат гарчи умре сӯхтам ман!

## Ҷаҳон аз баҳри ман бегонае нест

Даме ки дар сафар, дар ҷустуҷӯям,
Замоне ки саропо орзуям,
Даме ки дар замини меҳнату ранҷ
Ман аз меҳру вафо сарсабз рӯям,

Ба рӯям модарам дорад табассум,
Ба рӯям кишварам дорад табассум.
Зи ман хушбахт дар олам касе нест,
Ҷаҳон бар рӯи ман дорад табассум.

Даме к-осонам аз мушкил шавад сар,
Даме ки зарраам хоҳони Ховар.
Ба роҳи зиндагӣ танҳо набошам,
Ба ҳар як субҳу шомам ёр дар бар.

Даме дар гиря бинам шодмонӣ,
Дар оташ номаи сулҳу амонӣ.
Ба ҳифзи орзую бахти инсон
Бубахшам хубии умри ҷавонӣ.

Даме ки дидаи ҳушёр дорам,
Чу шоир ман дили бедор дорам.
Ҷаҳон аз баҳри ман бегонае нест,
Ба некию бадиаш кор дорам.

## Мактуби ёр

Барги умедам,
Субҳи сафедам.
Мактуби ёр аст,
Мактуби ёр аст.

Чун нест шодӣ,
Набвад насибам.
Бе номааш ғам
Бошад ҳабибам.

Мактуби ӯро
Гирам чу дар даст.
Гӯё хазонам
Чун навбаҳор аст.

Барги умедам,
Субҳи сафедам
Мактуби ёр аст,
Мактуби ёр аст!

**Ба духтари дӯстдошта**

Мапиндор, ай ҷаҳони орзуям,
Зи ҳамдигар замоне дур ҳастем.
Ба базми рӯзгор аз ин ҷавонӣ,
Дутореву ҳамоно ҷӯр ҳастем.

Либоси аскарӣ дорам ба бар ман
Пайи сарбозии сулҳу амонӣ.
Маро ёд овару ёд овар, эй ҷон,
Туро бодо амонӣ, зиндагонӣ!

Ба даври кӯи ту ҳар шаб хаёлан,
Ба мисли маҳнаварде гирд гардам.
Хушо як қаҳрамони корзорӣ,
Зи ишқат пухта гашта мард гардам.

Дилам ин дам суруди ошиқонро
Ба савти чашмасорон месарояд.
Ба гӯши бахт бишнидам замоне
Чунин оҳанг аз ӯ мебарояд.

Чӣ наздик аст рӯзи интизорӣ,
Чӣ наздик аст рӯзи аҳду ёрӣ.
Бигашта маст аз дидор ҳарду
Ба ёди бахту васлу устуворӣ.

Чӣ наздик аст рӯзи имтиҳонам,
Чӣ наздик аст рӯзи имтиҳонат.
Шукуфон субҳи баъди шоми ҳиҷрон,
Тулӯи офтобаш менамояд!

## Ба аскари ҷавобшуда

Ту баъди мӯҳлати хизмат
Зи нав бар хона баргардӣ.
Ҷавони баркамолӣ ту,
Ба халқи хеш ҳамдардӣ.
Раҳат бодо сафед, эй ҳамяроқи ман,
Шинелатро биовезу
Даме осуда меҳнат кун.
Бипӯш он ҷомаи зардӯзи модарро,
Барои дӯстонат –
Аз амонии замони мо ҳикоят кун.
Ту хушбахту сарафрозӣ, сарафрозӣ,
Вале дар ёд ор:
Ҳар ҷо ки бошӣ, боз сарбозӣ,
Ту сарбозӣ!..

## Сарбозон

Мо дар замона аскарем,
Мо дар замона сафдарем.
Дар ҳифзи сулҳу оштӣ,
Дар поси шири модарем.

Дар ҷанги ноҷо гарчи мо
Хӯрдем андар сина тир.
Аммо Ватан барҷой монд
Бо захмҳое дар замир.

Бишкаст боли мо агар,
Боли Ватан шуд боли мо.
Бишкуфт бо бахти Ватан
Ишқи дилу аъмоли мо.

Гар шоҳболи умри мо
Пар-пар бишуд дар нимараҳ.
Сад шукр, ки насли Ватан
Бигзошт по дар шоҳраҳ.

Сад шукр, ки дар зиндагӣ
Будем ҳампои Замин.
Бар дӯши худ бардоштем
Шодию ғамҳои Замин.

## Баҳри сулҳи ҷаҳон

Хизмати халқ кори саҳле нест,
Нест ин лоф аз паси минбар.
Ҳаст мардонагӣ ба роҳи шараф,
Сар ниҳодан бувад ба роҳи башар.

Дар гумонам ба чархи каҷрафтор
Гар яке хасм зинда мегардад,
Гар яке хасмро туфанге ҳаст,
Умри як дӯст канда мегардад.

Рӯзҳо, рӯзҳои сарбозӣ,
Зинаҳоест то сарафрозӣ.
Сабақомӯзӣ баҳри подорист,
Обу тобест баҳри ҷонбозӣ.

Ман аз ин илм – илм омӯхтам,
Ман дар ин мактаб имтиҳон додам.
Саҳаре чанд тири сӯзонро
Аз камин сӯи «хасм» бикшодам.

Эй Ватан, хомаро барои ту ман
Чун иваз кардаам ба тиру камон,
Баъди ин ҳам як умр сарбозам,
Бар дифои тую ҳаёти ҷаҳон.

## Эй замин

Эй замин, хонаи сабзи башарӣ,
Тӯӣ ҷавлонгаҳи ман, болу парӣ.
Самарам ҳаст, агар босамарӣ,
Самарам нест, агар бесамарӣ.

Қатраи шабнами ту бас бошад,
Аршро дар дили худ ғунҷонад.
Майсаи гандуми ту бас бошад,
Аршро дар дили худ сабзонад.

Лонаи мурғаки ту бас бошад,
Оламе бол кушояд ба ҳаво.
Осмон пур шавад аз савту суруд,
Як даме гар ту биёбӣ ба садо.

Осмон пур шавад аз чангу ғубор,
Таркише дар дили ту чира шавад.
Гар шавад хира рухи чашмаи ту,
Чашми гардун ҳама ҷо тира шавад.

Эй Замин, аз ту таманно дорам,
Сари сабзу дили чун чашмаи соф.
Сангарам дар раҳи аъдои башар,
Теғро то набарорад зи ғилоф.

**Бозгашт**

Шаб гурезону субҳи нав хандон,
Чеҳра бикшода шед аз Ховар.
Аз сари меҳр боз кун оғӯш,
Омадам боз наздат, эй Модар.

Аз сари меҳр боз кун оғӯш,
Кардамат ёд, ёди бисёре.
Бӯса деҳ, бӯса дидагонамро,
Дар ҷаҳон аз ту нест ғамхоре.

Омадам боз наздат, эй Модар,
Мурғи дилро, ки додияш парвоз.
Бин, ки дар хизмати Ватан гаштаст
Тезчангол мисли як шаҳбоз.

Бин, ки дар обутоби сарбозӣ
Бозувонам чӣ зӯр гардидаст.
Дидаи тираи туро, Модар,
Нур болои нур гардидаст.

Шафақи суҳбгоҳӣ хандон аст,
Дамад аз пушти Офтоби саҳар.
Аз сари меҳр боз кун оғӯш,
Омадам боз наздат, эй Модар!

# ПАРЧАМИ ВАҲДАТ

## 1. Тоҷикам

Роҳи дилҳо шоҳроҳи Ваҳдат аст,
Нангу ори мо барои миллат аст.

Тоҷикам. Тоҷи каёнӣ бар сарам,
Миллате машҳур дар баҳру барам.

Некгуфтору накӯпиндор ман,
Бо дили бедор хушрафтор ман.

Дар замин бо сад умеду орзу
Тухмаеро коштам, к-андар нумӯ

Гоҳ аз хирман табақ бардоштам,
Аз хатокорӣ сабақ бардоштам.

Дар кӯҳандунёи сад шебу фароз
Умр дидам бо ниёзу бениёз.

Ман накарда бад ба кас андар ҷаҳон,
Ҳарчи бад омад, ба худ кардам ҳамон.

Тоҷу тахтамро ба яғмо бурда буд
Зумрае аз нотавонбину ҳасуд.

Аз ҷафокоре вафо омӯхтам,
Аз сияҳкоре зиё омӯхтам.

Субҳи содиқ аз сафоям равшан аст,
Донишу фазлам ба тан чун ҷавшан аст.

Илму фарҳангам бувад симу зарам,
Роҳи дилҳо-роҳи ҳаққи Акбарам.

## 2. Тоҷикистонам

Гӯшаи сабзу шукуфои ҷаҳон,
Тоҷикистони азиз, эй ҷони ҷон.

Шукри он дорам зи нав эҳё шудӣ,
Кишвари озодаи дунё шудӣ.

Тоҷу тахт аз нав насибат гаштааст,
Халқи олам чун табибат гаштааст.

Дар Душанбе ҳамчу шамсе ҷилвагар,
Шоҳ Исмоилу бар сар тоҷи зар!

Ҳафт бурҷат бошадо бар ман Ватан,
Пораи абрат кунам бар худ кафан.

Ай Зарафшон, зарфишон Хуҷанди ман,
Хиттаи бо ҷону дил пайванди ман!

Худ ба худ меболам аз ҳар кори нек
Аз ҷавонмардии он Темурмалик.

Гармии ҷону дилам беҳуда нест,
Нест то Суғдам, дилам осуда нест.

Ай Бадахшон, махзани ганҷи зиёд,
Чашми бадхоҳи ту умре кӯр бод!

Лаъли машҳури ҷаҳонатро бубин,
Гашта дар ангушти давронам нигин.

Чашмаи Носир, ки дар ҷӯш асту ҷӯш,
Мебарояд з-он садои бонги нӯш!

Дар замини лаҳни Файзободу Рашт
Зар бирӯяд ҳар касе тухме чу кишт.

Устод Аккашариф-марди ҳунар,
Буд чун хуршеди маънӣ дар назар.

Бо навои обшору савти рӯд
Шодию андӯҳи халқаш месуруд.

Водии Шумон дилу ҷони ман аст,
Як нигини Тоҷикистони ман аст.

Мисли Турсунзода мардеро кӣ дид?
Аз ниҳоду зоҳираш гул-гул бичид.

Водии овозадори баҳру баҳр,
Аз Сухан бигзошта Тоҷе ба сар!

Водии зарринкамар-Вахшонзамин,
Мулки сарбозею неъматофарин.

Қалъаи Қурғону Вахши номдор
Баҳри ту ҳастанд шаъну ифтихор.

Пахтаат бошад умеди халқи ман,
Нусхаи бахти сафеди халқи ман.

Бостонӣ пуршараф Кӯлоби ман,
Водии ободи ман дар ин Ватан.

Дӯстонро тоҷи сар бинамудаӣ,
Ҷой дар ҷону ҷигар бинамудаӣ.

Додаӣ бар одамон нону намак,
Хоҷамӯъмин медиҳад аз ин дарак.

Оби софат нӯши ҷон гардидааст,
Хоса машҳури ҷаҳон гардидааст.

Тоҷикистонам, чу як узви ҷаҳон,
Хонаи уммеди кулли тоҷикон.

Ростӣ аз роҳҳот омӯхтам,
Машъале аз ишқи ту афрӯхтам.

Сарбаландиам баландиҳои ту,
Ҳимматам аз ҳиммати волои ту.

Ман зи ту омӯхта номӯсу нанг,
Нанг ҷои нангу ҷои ҷанг ҷанг!

Ҳафт бурҷат бод умре гулбасар,
Ҳамчу фарзандони неки як падар!

**3. Роҳгумӣ**

Тоҷикистон, модари яктои ман,
Ай Ватан, ай ҷаннатулмаъвои ман.

Шеди истиқлол рӯят ханда кард,
Раҳнамоӣ ҷониби оянда кард.

Дар раҳи шебу фарози зиндагӣ,
Дар раҳи шоҳаншаҳию бандагӣ.

Роҳгум гардида фарзандони ту,
Родмардоне, ҷигарбандони ту...

Он замон бархост тӯфони ғазаб,
Сели кин туғён намуда воаҷаб.

Осмонат пур шуд аз абри сиёҳ,
Ҷои борон тирборон аз ҳаво.

Баркашида теғ рӯи якдигар,
Гаҳ зада бар сина, гаҳ бар фарқи сар.

Чун бародар рехт хуни додараш,
Хуни дил гардида модар, хоҳараш.

Сад ҷавонмарде бишуд гулгулкафан,
Дигаре бехонумон андар Ватан.

Ҳам само монандаи дарёи Вахш,
Аз дилаш гӯё ки рахшад озарахш.

Ҳайф буд дар коми гирдоби бало,
Халқи ман, гардӣ ту аз дигар фано...

## 4. Тоҷи давлат

Дар Хуҷанд Истора-Бахти мо шукуфт,
Халқ бар сар Тоҷи давлатро нуҳуфт.

Баргузор Иҷлосия шуд бо сипос,
Буд иҷлосияи тақдирсоз.

Бар дилу бар дидаи аҳли сафо,
Шуд намоён нурафзо-Пешво.

Зери Парчам ӯ ба ин Модар-Ватан,
Хӯрда савганде ба нақди ҷону тан:

Ман парешон халқ сарҷамъ оварам,
Дастгирам халқу бовар доварам.

Тоҷике монад ғарибу хору зор,
Хешро ҳаргиз надонам бахтёр.

Аз азал халқам, ки бо фарҳанг буд,
Дар ҳама давр ӯ баору нанг буд.

Аз асолат, суннаташ огоҳ ман,
Рӯҳафзо субҳи хандони Ватан.

Ман ба ҷои ханҷару тиру камон
Рӯи дастонам гирифта «Тоҷикон».

Бар ҳама бахту саодат оварам,
Баҳри халқам сулҳу Ваҳдат оварам.

Фахри мо Эмомалӣ Раҳмон бувад.
Ворисси Исмоили Сомон бувад.

Роҳи Сулҳу Оштӣ осон набуд,
Дастнорас Офтобе менамуд.

Бахти мардум чун сапеда бардамид,
Сулҳи Маскав шукр бар имзо расид.

Роҳи оҳан то ба Кӯлоб омада,
То шавад ин мулк шодоб омада.

Синаи сад санги хоро кофтем,
То ба Хоруғ роҳи навро сохтем.

Роҳи дилҳо то ба дилҳо мерасад,
То ба Чин роҳи дили мо мерасад.

Нақби Истиқлол як шаҳроҳи хуб,
Ӯ бипайвандад Шимолу ҳам Ҷануб.

Нақби Шар-Шар ёфт оғозу сурӯш,
Кор он ҷо рафта бо ҷӯшу хурӯш.

Роҳи абрешим зи нав эҳё бишуд,
Ғулғулафкан дар ҳама дунё бишуд.

Парчами Ваҳдат ба бахти тоҷикон
Болафшон бод умре ҷовидон!

# МАРСИЯҲО

## ДАР СӮГВОРИИ ҶИГАРБАНДАМ МУБОРИЗ

Ман писар гум кардаам, ёрон, зи дасти кори худ,
Дар дилам сад неш дорам аз ҷафои ёри худ.

Корвони умри ман пурбор чун абри баҳор,
Гоҳ хандон, гоҳ гирён мекашам сарбори худ.

Дар суроғаш чун қаландар дар ба дар гардидаам,
Эътиборе дидаам дар ному нангу ори худ.

«Чораҷӯён дар илоҷи кори худ бечораанд»,
Ҳалқаи банде ба гардан дидаам дар дори худ,

Ҳасрато, дардо, ҷавонмарде, ҷавонмарге гузашт,
Хори марг ӯро халида пой дар гулзори худ.

Маргро хандон пазируфтӣ, ҷигарбанди падар,
Ай накупиндор, хушгуфтор бо рафтори худ.

Навниҳоли қоматат айни ҷавониҳо шикаст,
Чун гуноҳи дигаронро кардаӣ бас бори худ.

Бо зану фарзандҳо чун ҷону тан будӣ чаро,
Ҳамчу ошиқ ҷон бидодӣ дар паноҳи ёри худ.

Гуфта будам, ки яке тобутбардорам шавӣ,
Ғофил аз ҳукми қазо, бо сад хаёл-афкори худ.

Аз ғамат хоҳар, бародарҳо ҷигархун гаштаанд,
Модарат ҳайрону нолон бо дили афгори худ.

Тифлаконат ташнаи меҳри туву дидори ту,
Дар раҳат пазмон ҳамеша бо ду чашми чори худ.

Дидаю бишнида бар ман одамон ҳақ гуфтаанд,
Зумраеро лек дидам мункир аз гуфтори худ.

Он ки аз ҷаҳли мураккаб қасди ҷони ту бикард,
Бар Худо биспорамаш, бар довару ғамхори худ.

Хокбарсар нокасон лахти диламро бурдаанд,
Ҳақ бувад, ки ҳақ расад як рӯз бар ҳақдори худ.

Гарчи дар хоби абад бошӣ, намоӣ ҷилваҳо,
Пеши рӯям бо дилу бо дидаи бедори худ.

Чеҳраю чашмони хандон доштӣ, гулрӯ писар,
Бӯи хуш орад насим аз буттаи гулхори худ.

Як худотарсу дигар бокат набуд аз ҳеҷ кас,
Аз чӣ чун Исо дар ишкел, оҳ, бо зуннори худ.

Покдил, эй, ҷон писар, дар хоби шаб бар ман бигӯ,
Аз кӣ озор омадат бо қалби беозори худ.

Теғи ғамҳоят ба ҷисму ҷон асар он сон намуд,
Мехӯрам хуни дил умре бо дили хуншори худ.

Ай аҷал, моро ба ҳоли худ гузор, ин дам нигар:
То чунон мирам ба дарду доғ бо темори худ.

Дар фироқат пираҳансабзу сияҳпӯшем мо,
Балки як мотамсаро шуд шаҳр аз идбори худ.

Дарди Ҳофизрову Ҷомиро ба ҷон ҳис кардаам,
Оҳ, дида тири ҳиҷрони ту дар пайкори худ.

Дарду ғам моро кам аз дарди Таҳамтан нест, нест,
Ҳоли зорам дида, дидам гиряи ағёри худ.

Ё раб, аз лутфу карам чашми дилам бикшодаӣ,
Он гаҳе, ки монда худ андар пайи озори худ.

Нест нодонтар зи ман кас дар баёни илми ғайб,
Молҳое хом савдо карда дар бозори худ.

Доғҳои синаи ман мисли рӯи Моҳ нест,
Сӯхтам, оҳ, дар ғами ту бо каму бисёри худ.

Рӯзи сахт омад азизону набудам ҳамдаме,
Ҷуз ҳамин мастонаю девона қалби зори худ.

Он чи аз ман ҳаст – аз Яздон, тиҳидасте ба ҷон,
Шукр мегӯям ҳазорон бор бар додори худ.

Сирри дил ифшо кунам ҳарчи ба килку дафтарам,
Рози ман донад Худою ҳар дару девори худ.

Шеъри ғам ҳарчи нависам дар китоби зиндагӣ,
Баъди марги ту намебинам дигар осори худ.

Хоҳам омурзиш туро аз ҳазрати Парвардигор,
Дар намозу ҳар замон бо гиряҳои зори худ.

## НОЛАИ ШОИР

*Ба ёди ҷигарбандам Мубориз*

Марг хандон омаду ҷонат рабуд,
Аз миёни мо чӣ осонат рабуд.
Ҳайф, ҳайфи ғунчаи чашмони ту,
Ҳамчу мижгони саҳар хандони ту.
Он забони шаккарин хомӯш монд,
Ҳалқи нозук қоқ шуд бе нӯш монд.
Каҳрабо гардида рангу рӯи ту,
Ҳайфи чашму миҷаю абрӯи ту.
Ҳайфи рӯи моҳ, мушкин мӯи ту,
Навниҳоли қомати хушрӯи ту.
Нақшу бӯи ту чу додо, модарам,
Монда дар ҷону дилу шеъри тарам.
Кaҷкӯли ғамро, Қаландар, мебарам,
Доғу дардатро ба маҳшар мебарам.

## СӮГВОРӢ

*Ба ёди дӯсти зиндаёдам*
*Шоҳвалӣ Саидҷаъфар*

Алвидоъ! Ай дӯсти волоназар,
З-илму маърифат намуда болу пар.
Кай будӣ парво туро бар симу зар,
Зар туро буд маънии ҳар шеъри тар.

Ай Худоё, роҳати ҷонаш бидеҳ,
Нури имон, нури имонаш бидеҳ!

Чорпаҳлӯ марди пурэҳсон будӣ,
Ботааммул, некбин инсон будӣ.
Орифу донандаи Қуръон будӣ,
Дар тани ёрон дилу ҳам ҷон будӣ.

Ай Худоё, роҳати ҷонаш бидеҳ,
Нури имон, нури имонаш бидеҳ!

Гарчи гандумгун намудӣ дар назар,
Нурборон чеҳраат мисли саҳар.
Аз каломат рехта ширу шакар,
Лутфи ту буд беҳтар аз дурру гуҳар.

Ай Худоё, роҳати ҷонаш бидеҳ,
Нури имон, нури имонаш бидеҳ!

Бе ту садҳо достон гум кардаам,
Сатру ҳам байти равон гум кардаам.
Бе ту худро ончунон гум кардаам,
Худ куҷо! Балки ҷаҳон гум кардаам.

Ай Худоё, роҳати ҷонаш бидеҳ,
Нури имон, нури имонаш бидеҳ!

## ТОҶИ ЗАР БУД ОҲ БОЛОИ САРАМ

Аз падар барвақт гардида ҷудо,
Буд ин тақдир бо ҳукми Худо.
Одамин афтад ба гирдоби фано,
Кай тавон бигрехт аз чанги қазо?

Тоҷи зар буд, оҳ, болои сарам,
Модарам – Гул, шоҳи гулҳо модарам.

Ғофил аз дарду ғами дунё будам,
Худсару якрӯю бепарво будам.
Буд бар сар дасти меҳри модарам,
Гӯиё дар олами рӯъё будам.

Тоҷи зар буд, оҳ, болои сарам,
Модарам – Гул, шоҳи гулҳо модарам.

Чун калон гардида дар оғӯши ӯ,
Баъд фаҳмидам зи нешу нӯши ӯ.
Сӯи фарзанд аст ҳушу гӯши ӯ,
Розҳое дар лаби хомӯши ӯ.

Тоҷи зар буд, оҳ, болои сарам,
Модарам – Гул, шоҳи гулҳо модарам.

Мард гашта бо дуои модарам,
Сар ниҳодам пеши пои модарам.
Гар ба дастам буд қазои модарам,
Ҷон ҳамедодам ба ҷои модарам.

Тоҷи зар буд, оҳ, болои сарам,
Модарам – Гул, шоҳи гулҳо модарам.

Меҳри фарзандон ба худ бинмуд кафан,
Худ Ватан буд, рафт бар хоки Ватан.
З-ашки дил гул мебарояд дар бадан,
Аз гили гул ҳар баҳороне чаман.

Тоҷи зар буд, оҳ, болои сарам,
Модарам – Гул, шоҳи гулҳо модарам.

## МУНДАРИЧА

Гули шеър........................................................3
Гулмаҳтоб......................................................95
Қўшагулҳо.....................................................115

**Достонҳо**

Илму одам .....................................................118
Аскари қаторӣ...............................................123
Парчами ваҳдат.............................................146
Марсияҳо......................................................143

**Абдулҳай Қаландар**

**РОҲИ ДИЛҲО**
*(Шеър ва достонҳо)*

Муҳаррири ороиш *Орзу Раҳмонӣ*
Муҳаррири саҳифабандӣ *Меҳрӣ Саидова*

Ба матбаа 05.10.2010 супурда шуд. Чопаш 18.10.2010
ба имзо расид. Ҷузъи чопӣ 10,0. Андозаи 60x84 1/16.
Адади нашр 1000 нусха

Муассисаи нашриявии «Адиб»-и
Вазорати Фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон
734018, ш. Душанбе, кӯчаи Н. Қаробоев,17а

ҶДММ «Ямини Содиқ».
Душанбе, кӯчаи Р. Набиев,
гузаргоҳи 2, хонаи 42.